Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.tribun.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

23 сентябри соли 2015, чоршанбе, №39 (1018)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

# САФАРИ КОРИИ РОҲБАРИ ДАВЛАТ БА ШАҲРИ ТУРСУНЗОДА

ИФТИТОҲИ РОҲИ ДУШАНБЕ - ТУРСУНЗОДА

**Субҳи рӯзи 18 - уми сентябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади ифтитоҳи як қатор иншооти нав, шиносоӣ бо вазъи зиндагии аҳолӣ ва мулоқот бо мардум бо сафари корӣ ба шаҳри Турсунзода ташриф овард.**



**САФАРИ** кории Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз ҷамоати деҳоти Қаратоғи шаҳри Турсунзода оғоз ёфт. Дар шаҳри Турсунзода Эмомалӣ Раҳмон нахуст роҳи мошингарди минтақавии Душанбе-Турсунзодаро расман ифтитоҳ намуд.

Роҳ аз дарвозаи ғарбии Душанбе то шаҳри Турсунзода оғоз ёфта, 45,3 километраш бо паҳноии 25,5 метр ва ҳаракати 4 хаттаи нақлиёт бунёд ёфтааст. Боқимонда қисми роҳ бошад, бо паҳноии 15 метр ва ҳаракати ду хаттаи нақлиёт мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. 61 километр роҳи ҳудуди маҳалҳои аҳолинишин бошад, пурра чароғон карда шудааст.

Бунёди иншооти муҳими коммуникатсионӣ моҳи октябри соли 2011 оғоз гардида, корҳои сохтмонӣ аз тарафи коргарону мутахассисони тоҷику чинӣ ба итмом расонида шудаанд.

Арзиши умумии лоиҳаи беҳтар кардани ҳолати роҳи мошингарди Душанбе-Турсунзода дар маҷмӯъ 131, 2 миллион доллари амрикоиро ташкил намуда, бо маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гранти Бонки Осиёии Рушд амалӣ гардид.

Тибқи лоиҳа дар шоҳроҳ 9 кӯпрук бунёд гардида, бо дарназардошти талабот 213 адад қубури обгузар хобонда шудааст. Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дастур дод, ки нигоҳубини хуби роҳ дар сатҳи зарурӣ таъмин гардад, то ин ки он солиёни зиёд барои мардум ҳамчун иншооти муҳим хизмат расонад.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳи роҳу пул, нақб ва дигар иншооти муҳими коммуникатсиониро яке аз ҳадафҳои аслии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти баромадан аз бунбасти коммуникатсонӣ арзёбӣ намуда, изҳор дошт, ки минбаъд низ ба хотири фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагӣ ба мардум чунин тадбирҳои муҳим амалӣ карда мешавад.

саҳ. 2

Ҳаёти ҳизб

## ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ҲАДАФИ АСЛИСТ



саҳ. 6

## БАДХОҲИ КАСОН ҲЕҶ БА МАҚСАД НАРАСАД

саҳ. 8

## Пулчинакҳо бояд одоби муоширатро омӯзанд



саҳ. 12

## «МЕХОҲАМ ДАР ПИРОНСОЛӢ БИОСОЯМ»



саҳ. 14

# САФАРИ КОРИИ РОҲБАРИ ДАВЛАТ

саҳ. 1

### ФИЛИАЛИ "СПИТАМЕНБОНК" ФАЪОЛ ШУД

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар кӯчаи Исмоили Сомонии шаҳр дар фазои тантанавӣ ба фаъолияти филиали Ҷамъияти Саҳҳомии Пӯшидаи "Спитаменбонк" оғоз бахшид.**

Бинои "Спитаменбонк" аз ду ошёна иборат буда, дорои 8 утоқи кории муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти муосир мебошад.

То имрӯз кормандони филиали "Спитаменбонк" дар бинои иҷоравӣ фаъолият мекарданд ва бо кушодашавии ин филиали бонк шумораи умумии кормандон ба 29 нафар расонда шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба масъулини филиали "Спитаменбонк" барои боз ҳам беҳтар намудани хизматрасонии бонкӣ ба аҳолӣ дастуру ҳидоятҳои мушаххас дод.

### КОРХОНАҲОИ ДОРУСОЗӢ ВА ЧИНИВОРӢ БО ТЕХНОЛОГИЯИ НАВ

**Дар кӯчаи Мирзо Турсунзодаи шаҳр Президенти Ҷумҳуриии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти ду корхонаи бузурги истеҳсолӣ - Ҷамъияти Дорои Масъулияташ Маҳдуди "Вежа фармасевтикалс" ва Корхонаи истеҳсоли маҳсулоти чиниворӣ ва хиштҳои ба оташ тобовар оғози расмӣ бахшид.**

Зимни боздид аз ин корхонаи дорусозӣ ба Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки дар он бо истифода аз технологияи пешрафтаи хориҷӣ зиёда аз 20 намуди маводи доруворӣ истеҳсол карда мешавад.

Иқтидори истеҳсолии корхона дар як басти корӣ 32 ҳазор адад зарфҳои маҳлулҳои обӣ аст. Дар корхонаи дорусозӣ 120 нафар мутахассисони маҳаллӣ бо ҷойи кор ва маоши хуб таъмин шудаанд. Иттилоъ дода шуд, ки дар ин корхона асосан маҳлулҳои воридотивазкунандае истеҳсол мешаванд, ки барои табобат ва пешгирии бемориҳои сироятӣ пешбинӣ гардидаанд.



Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба иқдоми соҳибкорони ватанӣ, ки дар бунёди ин корхонаи дорусозӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ саҳм гузоштаанд, баҳои баланд дод.

Дар корхонаи маҳсулоти чиниворӣ ва хиштҳои ба оташ тобовар, ки аз ҷониби Ҷамъияти Дорои Масъулияташ Маҳдуди "Вежа фармасевтикалс" бунёд ёфтааст, истеҳсоли 3 намуди хишти сохтмониюороишӣ ва 20 намуди маҳсулоти чиниворӣ ва сафолӣ ба роҳ монда шудааст.

Бо таваҷҷуҳ ба рушди соҳа ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ватанӣ иқтидори истеҳсолии корхона давра ба давра ба 500 ҳазор дона маҳсулоти чиниворӣ хоҳад расид.

Корхонаи мазкур дар заминаи собиқ коргоҳи бузурги "Фарфори Регар" таъсис ёфт ва бо маблағгузории соҳибкорони маҳаллӣ технологияи он ба пурраги нав карда шуд.

Дар ҳамин корхона Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон маҳсулоти гуногуни истеҳсолкардаи коргоҳро, ки ба маъраз гузошта шуда буд, тамошо кард.



### ЧАШМАИ САРШОРИ ИЛМ АЗ ОСТОНИ МАКТАБ АСТ

**Дар кӯчаи Мирзо Турсунзодаи шаҳр бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 18 мавриди истифода қарор дода шуд.**



Бинои таълимӣ аз 5 бинои дуошёна барои 800 нафар хонанда, аз ҷумла 26 синфхонаи таълимӣ, 70 ҳуҷраи ёрирасон, 3 кабинети лабораторӣ, 2 синфхонаи компютерӣ, китобхона, ошхона, толори маҷлисгоҳ, толорӣ варзишӣ барои 180 ҷойи нишаст ва 1 майдончаи варзишӣ иборат мебошад.

Пас аз шиносоӣ бо шароит ва имкониятҳои мактаби нав Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар саҳни бинои ин муассисаи таълимӣ бо кормандони соҳаи маориф ва дигар фаъолону сокинони шаҳри Турсунзода мулоқот кард.

Сарвари давлат иброз дошт, ки маориф аз соҳаҳои афзалиятнок ба шумор рафта, беҳтар намудани таълиму тадрис дар мактабҳо ҳамеша дар мадди назари Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дорад.

Зимни маҳфили пурсишу посух омӯзгорон, хонандагон ва дигар сокинон ба Сарвари давлат изҳори сипосу миннатдорӣ карданд.

Инчунин дар деҳаи Тойчии ҷамоати деҳоти Ҷӯра Раҳмонови шаҳри Турсунзода Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба оғози фаъолияти Муассисаи таҳсилоти умумии рақами 119 асос гузошт.

Мактаби наву замонавӣ аз ҳисоби Муассисаи давлатии "Мудирияти минтақаи зериобшавандаи Нерӯгоҳи Барқии Обии "Роғун" бунёд гардидааст.

Муассисаи таълимӣ аз се ошёна иборат буда, дорои 64 синфхона, озмоишгоҳҳои бо технологияҳои замонавӣ муҷаҳҳаз, маҷлисгоҳ бо 560 ҷой, толори китобхонӣ, ошхонаи барҳаво, инчунин синфхонаҳои алоҳида барои ташаккули завқи зебоипарастии кӯдакону наврасон, толори варзишӣ бо 325 ҷой мебошад, ки дар як баст 1176 нафар хонандаро ба таҳсил фаро мегирад. Айни замон 400 нафар фарзандони сокинони маҳаллаи навбунёд дар ин муассиса таҳсили илм мекунанд, ки аз ин шумора 250 нафарашон фарзандони муҳоҷирони экологӣ аз ноҳияи Нуробод мебошанд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо шароити таълим дар синфхонаҳои ибтидоӣ, компютерӣ, дӯзандагию дуредгарӣ шинос шуда, бо хонандагон суҳбати самимӣ доир кард.

Хонандагон ба Сарвари давлат барои бунёди мактабу синфхонаҳои барҳаво изҳори сипос карданд..

Дар синфи омӯзиши ҳунарҳо Сарвари давлат ба дӯхти либосҳои миллӣ, ки худи духтарони синфҳои болоӣ омода кардаанд, баҳои баланд дода, онҳоро ба омӯзиши ҳунарҳои миллӣ, илм ва забонҳои хориҷӣ ҳидоят кард.

Баъди ифтитоҳ ва шиносоӣ бо шароити таълим дар мактаби нав дар ҳаминҷо Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо шумораи зиёди омӯзгорону хонандагон ва фаъолони шаҳр мулоқоти судманд доир намуд.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳи мактаби навро ба сокинони ин маҳал муборакбод гуфт.

Мавриди зикр аст, ки Ҳукумати мамлакат бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои 571 оилаи муҳоҷирон, ки дар деҳаи Тойчии ҷамоати деҳоти Ҷура Раҳмонови шаҳри Турсунзода муқимӣ шудаанд, тамоми шароитҳоро муҳайё кардааст.

### ҶАҲОНРО ХУРРАМӢ АЗ ДЕҲҚОН АСТ

**Дар доираи сафари корӣ дар шаҳри Турсунзода Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ҷамоати деҳоти Ҷӯра Раҳмонов ташриф оварда, аз фаъолияти токпарварони номдору собиқадори Хоҷагиҳои деҳқонии "Ҳоҷӣ Неъмат", "Ватан" ва "Боғи Сомон" шинос шуд.**

# БА ШАҲРИ ТУРСУНЗОДА

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни боздиди худ аз заминҳои солҳои сол бекорхобидаи хоҷагии "Ватан" дидан кард, ки баъди ворид кардани пойгоҳи обкашӣ 60 гектар замини санглохи хоҷагӣ аз нав ба гардиши кишоварзӣ даровардаю соли ҷорӣ токзори нав шинонида шуд.

Баъди шиносоӣ бо кори ибратбахши хоҷагии "Ватан", Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон намоишгоҳи маҳсулоти кишоварзии деҳқонони шаҳрро тамошо кард.

Хоҷагии деҳқонии "Хоҷӣ Неъмат" бошад, дар майдони 105 гектар замин доман густурдааст, ки дар қисми бештари заминҳо бунёди токзори замонавиро ташкил медиҳад.

Соли ҷорӣ бо иқдоми роҳбарияти хоҷагӣ аз қаламчаҳои дар ниҳолхонаи назди хоҷагӣ парвариш карда, ангурҳои навъи "Ҳусайнӣ", "Ғалаба", "Шоҳона", "Пешпазак", "Кишмиши сиёҳу сафед"-ро шинонидаанд, ки нашъунамои хуб доранд.

То имрӯз танҳо аз ҳисоби сабзавоту полезиҳо 150 ҳазор сомонӣ фоидаи соф ворид шуда бошад ҳам, дар саҳро ҳанӯз ҳосил зиёд аст.

Баъди ба гардиши кишоварзӣ ворид шудани заминҳои ташналаб имкон даст дод, ки 100 нафар сокинони деҳаи Янгибоғи ҷамоати Ҷӯра Раҳмонов бо ҷойи кори мавсимӣ таъмин шудаанд, ки маоши онҳо 600 сомониро ташкил медиҳад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ин ташаббуси роҳбарияти хоҷагии оилавиро намунаи ибрат барои дигарон хонда, онро дар таъмини дастурхони мардум бо маҳсулоти ниёзи аввалия муҳим арзёбӣ кард.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар ҳудуди хоҷагии "Хоҷӣ Неъмат" аз майдонҳои ин токпарвари асил шинос шуд, ки дар он шаш номгӯи ангурҳои хуштамъ бо санъати баланди касбӣ парвариш меёбад.

Айни замон аз ҳосили токпарварони хоҷагӣ тоҷирони Қирғизистону Қазоқистон ва Федератсияи Русия харидорӣ менамоянд. Ҷиҳати захира кардани ҳосили боғот масъулин сардхонаи замонавӣ бунёд кардаанд, ки ғунҷоиши он 500 тоннаро ташкил медиҳад.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон аз сардхонаи хоҷагии мазкур дидан кард. Масъулин иттилоъ доданд, ки сардхона дорои 12 нуқтаи нигоҳдории маҳсулот мебошад. Хоҷагӣ дар баробари ангурпарварӣ ба соҳаи ниҳолпарварию чорводорӣ низ диққати ҷиддӣ дода, дар ниҳолхонаи назди хоҷагӣ 20 номгӯи ниҳолҳои ороишию меваидиҳанда парвариш мегардад. Мутахассисону боғпарварон дар ниҳолхонаи хоҷагӣ аввалин шуда, токпайванди ниҳолҳои интенсивиро аз Ҷумҳурии Қазоқистон ворид ва нигоҳубиниашро ба роҳ мондаанд.

Зимни шиносоӣ аз хоҷагии деҳқонии "Хоҷӣ Неъмат" Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба деҳқонони асил барои дастгирии ташаббусҳои созандаи роҳбарияти давлату Ҳукумати мамлакат бахри ободии Ватан арзи сипос карда, ба онҳо барори кор таманно намуд.

Баъдан Роҳбари давлат ба хоҷагии деҳқонии "Боғи Сомон" ташриф оварда, бо дастовардҳои меҳнаткашон ва деҳқони шинохта Ҳоҷӣ Камол шинос шуд.





Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ин хоҷагӣ ба фаъолияти сардхонаи замонавӣ, ки дар асоси дастури супоришҳои роҳбарияти давлату Ҳукумати мамлакат ва нишондодҳои Паёми солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи кор омадааст, асос гузошт.

Дар ҳашт сардхонаи замонавӣ аз 400 то 450 тонна маҳсулот, аз ҷумла ангур нигоҳдорӣ мешавад.

Хоҷагии деҳқонии "Боғи Сомон" баробари парвариши васеи навъу намудҳои гуногуни ангур, инчунин ба парвариши чорвои калону майда машғуланд.

### МУЛОҚОТ БО РОҲБАРОН ВА СОКИНОНИ ШАҲРИ ТУРСУНЗОДА

**Сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Турсунзода баъди мулоқот бо фаъолони шаҳр анҷом ёфт.**

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар ин мулоқот рушди соҳаҳои гуногун ва беҳдошти сатҳи зиндагии мардуми шаҳри Турсунзодаро аз баракати сулҳу суботи устувор, ваҳдати миллӣ, сиёсати ояндадори Ҳукумати мамлакат ва пуштибонии халқ аз он маънидод кард.

Сарвари давлат ба сокинони сарбаланди шаҳри Турсунзода барои заҳмати созандаву фидокорона ва пазироии самимӣ, ки нишонаи возеҳи ҷонибдорӣ аз сиёсати пешгирифтаи Роҳбари давлат аст, изҳори сипос намуд.

Оид ба пешрафту тараққиёти шаҳри Турсунзода давоми 10 соли охир андешаронӣ карда, Президенти мамлакат изҳор дошт, ки аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои ободиву пешрафти шаҳр зиёда аз 800 миллион сомонӣ ҷудо гардида, он барои беҳтар намудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, бунёди иншооти таъиноти гуногун, сохтмон ва таъмиру таҷдиди роҳҳо равона гардидааст.

Аз соли 2004 то имрӯз дар шаҳри Турсунзода 5 лоиҳаи муштараки сармоягузории давлатӣ ба маблағи беш аз 230 миллион сомонӣ ба нақша гирифта шуда, аз он се лоиҳа ба маблағи 180 миллион сомонӣ ба анҷом расидааст.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуд, ки дар барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии шаҳри Турсунзода барои солҳои 2015-2019 татбиқи 173 лоиҳа дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти шаҳр бо маблағи умумии 545 миллион сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Дар барномаи мазкур афзалияти бештар ба иқтидори соҳаҳои воқеии иқтисодиёти шаҳр дода шудааст, зеро 106 лоиҳа ба маблағи 499 миллион сомонӣ ё 92 фоизи ҳаҷми умумии маблағҳои пешбинигардида ба бахшҳои воқеии иқтисодиёти шаҳр рост меояд, изҳор дошт Президенти мамлакат ва афзуд, ки ҳамаи чорабиниҳое, ки имрӯз аз тарафи Ҳукумати кишвар дар шаҳри Турсунзода амалӣ шуда истодаанд, барои рушди минбаъдаи шаҳр ва инкишофи инфрасохтори он, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардум равона шудаанд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ инчунин оид ба корҳои ободонӣ, рушди соҳаи боғдорию зироаткорӣ, амалисозии чораҳои зиддибӯҳронӣ, таъсири падидаҳои номатлуби ҷомеа ба тарбияи ҷавонон, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ташаббуси соҳибкорони ватанӣ андешаронӣ карда, сокинонро ба корҳои созандагӣ, дурӣ ҷустан аз расму бегонапарастӣ, ифтихор аз ватандорӣ, тарбияи фарзандон дар руҳияи хештаншиносӣ ва риояи қонуну қарорҳо даъват намуд.

Баъди суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон намояндагони касбу кори гуногун суханронӣ карда, дар баробари пешниҳоди таклифи хеш ба Сарвари давлат барои тамоми ташаббусҳои созанда, дастгирии ҳамаи табақаҳои ҷомеа ва таъмини шароити беҳтарин барои кору зиндагӣ ва таҳсил изҳори сипос намуданд.



# ҲИСОР ДАР ОСТОНАИ

**Дирӯз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо сафари корӣ бо мақсади ифтитоҳи як қатор муассисаҳои маорифу фарҳанг, инчунин шиносоӣ бо вазъи корҳои сахроӣ, рафти бунёди иншооти ҷашнии 3000 - солагии Ҳисор ба ин ноҳия ташриф овард.**



Роҳбари давлат нахуст бинои осорхонаи ноҳиявиро дар вазъияти тантанавӣ ба истифода дод.

Ин бинои наву замонавӣ ба истиқболи ҷашни 3000 - солагии Ҳисори шодмон бо ташаббуси Сарвари давлат бунёд ёфтааст.

Дар бино тарҳу ороиш ва нақшу нигори асри миёнаро бо муосир омехта намудаанд, ки ба ин иншоот шукӯҳу шаҳомати хоса зам кардааст.



Осорхона аз се ошёна ва таҳхона иборат буда, дорои тамоми шароит барои нигоҳдории нигораҳо, бозёфтҳо ва аксу мусавварахо мебошад.

Масоҳати умумии бино қариб як гектарро ташкил медиҳад. Дар таҳхонаи осорхона устохонаи таъмири маҳсулоти кулолгарӣ ва шишагӣ, устохонаи нусха кардани нигораҳо, таъмири маҳсулоти нахдор, сехи таъмири маҳсулоти дӯзандагӣ ва дигар намуди хизматрасониҳо мавҷуд аст.

Ҳоло дар фонди осорхонаи навбунёд зиёда аз 3000 нигораи таърихӣ гирд оварда шудааст.

Осорхона аз 11 шуъба иборат мебошад, ки ҳар кадоми он вобаста ба таъриху тамаддуни халқи тоҷик фаъолият намуда, насли ояндаро бо таърихи ниёгонамон шинос месозанд.

Дар толорҳои осорхона ҳунарҳои мардумӣ бо осорҳои заргарӣ, кулолгарӣ, оҳангарӣ, мисгарӣ аз асрҳои 9 то 19 ва дигар бозёфтҳо нигаҳдорӣ мешаванд.

Сокинони ноҳия баҳри ғанӣ гардонидани хазинаи осорхона нигораҳоеро, ки аз аҷдодонашон мерос мондааст, ба осорхона тухфа карда истодаанд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба ин иқдоми сокинони ватандӯст баҳои баланд дод.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Ҳисор Кохи фарҳангро дар маркази ноҳия ифтитоҳ намуд.

Корҳои сохтмонӣ дар Кохи фарҳанг, ки аз 3 ошёна иборат мебошад, аз соли 2013 оғоз гардида буд.

Назди бинои Кохи фарҳанг бо гулу гулзор ва фаввораҳо оро дода шуда, ба як гулгашти зебою сайргоҳи сокинону меҳмонони ин гӯшаи дилписанди Тоҷикистон табдил ёфтааст.

Дар Кохи фарҳанг нигористони театрӣ барои нигоҳдории намунаи либосҳои санъаткорон ва дар осорхонаи он бошад, барои созҳои миллии мусиқӣ ҷойи махсус муҳайё карда шудааст.

Толори васеъ ва даромадгоҳи Кохи фарҳанг бо санъати хоси меъмории кандакорӣ ороиш дода шудааст.

Зимни шиносоии Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз шароити муосир, ки Ҳукумати мамлакат барои аҳли санъати ноҳия омода кардааст, намоишномаи театрикунонидашуда пешкаш карда шуд.

Президенти мамлакат ба бинокорон барои иҷрои корҳои сохтмонӣ изҳори сипос намуда, ифтитоҳи ин кохи бошукӯҳи фарҳангиро ба аҳли ҳунар муборакбод гуфт.

Дар маркази ноҳия - шаҳраки Ҳисор Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баъди ифтитоҳи бинои хуштарҳу замонавии Осорхонаи ноҳиявӣ Китобхонаи марказии ноҳияро низ расман мавриди истифода қарор дод.



Сардори давлат Эмомалӣ Раҳмонро хонандагони ин боргоҳи маърифат ва кормандони соҳа самимона истиқбол гирифта, китоби тозанашрро таҳти унвони "Донишномаи Ҳисор", ки бахшида ба таҷлили 3000 - солагии Ҳисори шодмон чоп шудааст, тақдим намуданд.

Китобхонаи марказӣ дорои 40 утоқ, аз ҷумла 25 ҳуҷраи корӣ ва 15 хонаи ёрирасон мебошад ва дар онҳо 38 компютер васлу насб шудаанд.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар ошёнаи аввали бино аз толори маҷлисгоҳи китобхона боздид ба амал оварда, дар маҳфили Рӯдакихонии муштариёни ин махзани илму маърифат иштирок кард.

Китобхонаи марказӣ аз шуъбаҳои маълумотдиҳӣ, библиографӣ ва илмӣ-методӣ, шуъбаи феҳристи электронӣ, китобхонаи электронӣ ва бахши маълумотдиҳию бақайдгирӣ, толори адибони водии Ҳисор ва ду толори барҳавои хониш иборат мебошад.



Дар китобхона 500 ҳазор нусха асарҳои гуногун, аз ҷумла 500 нусха китобҳои электронӣ мавҷуд аст.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз шароити китобхона пурра шинос шуда, бунёди чунин китобхонаи муосирро саривақтӣ донист ва онро ҳамчун тухфаи арзишманд ба ҷавонону дӯстдорони китоб дар рӯзҳои таҷлили ҷашни 3000 - солагии Ҳисори Шодмон тақдим намуд.

# ҶАШНИ 3000-СОЛАГӢ

**Худи ҳамон рӯз дар идомаи сафари корӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Ҳисор Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқатро расман ифтитоҳ намуд.**



Дар назди мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат дар ноҳияи Ҳисор 2 хобгоҳ барои 400 хонанда, 1 бинои 9-ошёнаи истиқоматӣ бо 36 хона барои омӯзгорон, толору майдонҳои варзишӣ ва ҳамаи шароити дигари мувофиқ ба талаби замон бунёд шудааст.

Пеш аз шиносоӣ бо шароити таълим дар Мактаби Президентӣ Сарвари Давлат ба як қатор омӯзгорон калиди хонаҳои истиқоматиро тақдим намуд.



Зимни шиносоӣ ба Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки мактаби президентӣ аз як бинои сеошёнаи таълимӣ иборат буда, дорои 43 синфхонаю кабинетҳои фаннӣ, 7 озмоишгоҳ ва дигар шароити мусоиди дарсомӯзӣ мебошад. Дар ин муассисаи таълимӣ айни ҳол 50 нафар омӯзгори ботаҷриба тариқи озмун ба кор ҷалб гардидаанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз синфхонаҳои барҳавои мактаб боздид ба амал оварда, таъкид намуд, ки таҳсили хонандагон дар чунин муассисаи бошукӯҳ бояд дар сатҳи стандартҳои байналмилалӣ сурат гирад.

Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат дар ноҳияи Ҳисор дорои тамоми шароити таълимӣ буда, бо навтарин таҷҳизот ва технологияи муосир муҷаҳҳаз мебошад.

Ҳамчунин дар ин муассисаи таълимӣ толорҳои барҳавои фарҳангию варзишӣ, китобхонаи электронӣ, ошхонаю хобгоҳҳои замонавӣ муҳайё гардидааст.

Тибқи супориши Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба ин муассисаи таълимӣ беҳтарин хонандагон тариқи озмун аз шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Ваҳдат, Рӯдакӣ, Шаҳринав ва Турсунзода барои таҳсил қабул карда мешаванд.

Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суҳбат бо хонандагон онҳоро ба хониши хубу аъло, рафтори намунавӣ, дӯст доштани ватан ва гиромидошти арзишҳои миллӣ ҳидоят намуд.

Барои хонандагон ҳамчунин ду бинои хобгоҳ низ бунёд гардидааст. Сарвари давлат аз шароити хобгоҳҳои хонандагон аз наздик шинос шуд.

Ин муассисаи муосири таълимӣ аз рӯи шаҳомат пас аз боргоҳҳои илму маърифат дар шаҳру ноҳияҳои Душанбе, Хоруғ, Кӯлоб, Чкалов ва Бохтару Данғара ҳафтумин мактаби президентӣ дар Тоҷикистон мебошад.

Пас аз шиносоии пурра бо шароити таълим ва хобгоҳҳои мактаби президентӣ дар ҳамин ҷо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо омӯзгорону хонандагон ва сокинони ноҳияи Ҳисор мулоқот карда, ифтитоҳи ин муассисаи таълимии замонавиро ба онҳо табрик намуд.

Дар доираи сафари корӣ ба ноҳияи Ҳисор Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолияти меҳнаткашон дар хоҷагии намунавӣ ва овозадори Корпоратсияи "Баракат" аз наздик шинос шуд.

Дар ин хоҷагӣ 8 намуд ангур, аз ҷумла кишмиши сиёҳ парвариш карда мешавад.

Дар ҳамин хоҷагӣ Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолияти намунавии боғдорон шинос шуд.



Дар қитъаи дигари заминҳои хоҷагӣ ба Сарвари давлат яке аз навъҳои беҳтарини ангури ҳусайнӣ пешкаш карда шуд.

Ин навъи ангур дар майдони қариб 4 гектар доман паҳн кардааст ва аз рӯи гуфти боғбон онҳо аз ҳар як гектар замин 50 тонна ҳосил гирифтанианд.

Президенти мамлакат ба боғдорони пуртаҷрибаи ин хоҷагӣ низ барои фаъолияти пурсамар баҳои баланд дод ва ба онҳо барои ҷамъоварӣ, нигоҳубин ва содироти ин маҳсулоти серхарид маслиҳатҳои муфид дод.

Баъди шиносоӣ бо фаъолияти меҳнаткашони Корпоратсияи "Баракат" сафари кории Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Ҳисор ба охир расид.

*www.president.tj*



# ПАЁМИ

## табрикотии Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Иди Қурбон



**ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ!**

**БА** муносибати Иди саиди Қурбон, ки рӯзи 24-уми сентябр фаро мерасад, ҳамаи шумо ва кулли ҳамватанони бурунмарзиамонро самимона табрик гуфта, ба хонадони ҳар фарди Ватан оромиву осоиш, рӯзгори обод ва файзу баракат орзу менамоям.

Ба шарофати соҳибистиқлолӣ ва фазои орому осудаи кишварамон мардуми мо маросиму суннатҳои диниву мазҳабии худро озодона иҷро мекунанд.

Иди Қурбон аз ҷумлаи арзишҳои муқаддаси суннатии мардуми мусулмони мо буда, одамонро ба корҳои хайру саховат ва амалҳои нек ҳидоят менамояд ва дар қалби ҳар фарди мусулмон ниҳоли меҳру муҳаббатро нисбат ба ҳамдигар решадор месозад.

Ин амалҳои хайр, дар навбати худ ба пойдории сулҳу суботи кишвар, оромиву осоиши ҷомеа ва таҳкими ваҳдату ҳамдигарфаҳмии мардуми мо мусоидат мерасонанд.

Зеро худи ин иди саид бар пояи ормонҳои башардӯстиву инсонпарварӣ ва шафқату бародарӣ зуҳур кардааст.

Иди қурбон бо ҳамин хусусиятҳои неку инсондӯстонааш дар миёни мардуми шарифи Тоҷикистон ва дигар мусулмонони дунё мақоми басо арзишманд дорад.

Ҷавҳари асосии Иди Қурбонро талқини арзишҳои инсонӣ, поси хотири гузаштагон, аёдати пайвандону хешу таборон, изҳори ҳамдардӣ ба азодорон ва хайру эҳсон ба ятимону маъюбон, дармондагону ниёзмандон ва оилаҳои камбизоат ташкил медиҳанд.

Имрӯз сокинони кишварамон бо шукргузорӣ аз даврони истиқлолият ва аз баракати сулҳу оромӣ ва суботи комили сиёсӣ дар баробари заҳмати созандаву ободгарона ба анҷом додани амалҳои хайр эътибори бештар медиҳанд ва бо ин иқдоми худ соҳиби савоби зиёд мегарданд. Воқеан, дини мубини Ислом сарчашмаи адаб, махзани бузурги панду насиҳат ва тарғиби некиву накӯкорист.

Бинобар ин, ҳар яки мо бояд бо арҷ гузоштан ба ин арзишҳо бо илму фарҳанг, ҷавонмардиву саховатмандӣ ва ахлоқи ҳамидаи худ намунаи ибрат бошем ва барои эъмори як ҷомеаи пешрафтаву солим саъю талош намоем.

Хусусан, дар шароити торафт тезутунд гардидани раванди ҷаҳонишавӣ, ки баъзе қувваҳои носолим дини мубини Исломро ҳамчун воситаи ангезишҳои сиёсӣ ва амалӣ намудани манфиатҳои гурӯҳӣ истифода мебаранд, моро зарур аст, ки зиракиву ҳушёриро аз даст надиҳем.

Инчунин арзишҳо ва фарҳанги инсонпарваронаи Исломро ба манфиати суботи ҷомеа ва давлат, таҳкиму пойдории ахлоқ ва рушди бомароми маънавиёти мардум ва дар навбати аввал, наврасону ҷавонон равона намуда, дар қалби одамон эҳсоси дӯстиву рафоқат, меҳру шафқат, хайру саховат ва таҳаммулу ваҳдатгароиро густариш бахшем.

Вобаста ба ин сифатҳои башардӯстонаи дини мубини Ислом мехоҳам хотирнишон созам, ки яке аз ойинҳои Иди мубораки Қурбон, яъне қурбонӣ кардан ва забҳи чорво танҳо ба шахсоне раво дониста шудааст, ки имконияти молиявии аз таъмини хонаводаашон бештар доранд.

Ба дигарон ба номи Худованд ва наздикону ақрабо дуову дуруд фиристодан ва анҷом додани дигар амалҳои хайру солеҳ вобаста ба сатҳи зиндагиашон кори савоб ба ҳисоб меравад.

Бузургони мо беҳуда ҳатто бо якдигар сухани нек гуфтан, рафтори шоиста доштан ва дили касеро шод гардониданро беҳтарин садақаву хайрот нагуфтаанд.

Итминони комил дорам, ки дар пояи сифатҳои олии ин иди саид шахсони ҳимматбаланду саховатпеша ба ятимону маъюбон, бепарасторону муҳтоҷон ва шахсони камбизоат кӯмак карда, бо ин амали хайру башардӯстонаи худ соҳиби савоби зиёд мегарданд.

Дар Ватани маҳбуби мо - Тоҷикистон Иди Қурбон ҳамеша дар фазои эҳсону шафқат ва оромиву осудагӣ баргузор гардида, хурду бузурги кишвар ҳамдигарро бо меҳру муҳаббати хоса табрик мегӯянд ва аз ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва дӯстиву рафоқат шукрона мекунанд.

Хотирнишон менамоям, ки яке аз рукнҳои дини Ислом имтиёзи маънавиёт бар моддиёт буда, он дар меҳвари сафои ботинӣ ва поккории ахлоқу нафсонияти инсону ҷомеа ва қаноату сарфакорӣ қарор дорад.

Бузургони мо дар ин бора панду андарзҳои зиёде гуфта, исрофкориро мазаммат намудаанд. Масалан, Унсурмаолии Кайковус дар "Қобуснома" таъкид менамояд, ки "харҷ ба андозаи дахл бояд бошад, то ниёзманд набошӣ".

Яъне қаноат пеша кардан ва дороии худро барои беҳбудии оилаи худ сарф кардан асоси пешравӣ ва баланд гардидани дараҷаи зиндагии ҳар сокини кишвар мебошад.

Дар ин рӯзи муборак бо шукргузорӣ аз амну амонии мамлакат ва давлату давлатдории миллиамон бо нияти саодату некбахтии ҳар як сокини Тоҷикистони азиз орзу менамоям, ки бигзор ин сарзамини сарсабзу ободи мо ва мардуми шарифу сарбаланди он аз ҳама газанду офатҳо дар амон бошанд.

Фарорасии Иди саиди Қурбонро бори дигар ба ҳамаи шумо, ҳамватанони азиз ва кулли ҳамватанони бурунмарзиамон табрик гуфта, бароятон хонаободиву сарбаландӣ, тандурустиву фароҳдастӣ ва саодати рӯзгор мехоҳам.

Иди саиди Қурбон муборак, ҳамдиёрони азиз!

*Душанбе, 22.09.2015*

---

*Ҳаёти ҳизб*

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ҲАДАФИ АСЛИСТ

***Бо мақсади таҳкими фаъолияти ташкилотҳои ибтидоӣ ва пешбурди корҳои дохилиҳизбӣ, дар асоси ҷадвали тасдиқгардида, оид ба баргузории машғулиятҳои омӯзишӣ бо раисони ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ дар тамоми Кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ, гузаронидани семинарҳои омӯзишӣ оғоз шуд.***

**НАХУСТСЕМИНАРИ** омӯзишӣ дар Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Ваҳдат баргузор гардид. Семинарро бо суханони ифтитоҳӣ, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Ваҳдат Раҷабмурод Ҷалилов ҳусни оғоз бахшид.

Сипас, муовини раҳбари Маркази таблиғот ва таҳлилии КИМ ҲХДТ Тағоймурод Орифӣ дар мавзӯи "Мақоми Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар демократикунонии ҳаёти иҷтимоию сиёсии Тоҷикистон" маърӯза кард.

Ҳамзамон дар ҳузури ҳозирин раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Ваҳдат Раҷабмурод Ҷалилов дар боби "Оиннома ва барномаи ҲХДТ ҳамчун санади муҳим дар фаъолияти ҳизбӣ", мудири бахши иттилоот ва воситаҳои электронии ахбори оммаи Маркази таблиғот ва таҳлилии КИМ ҲХДТ Дилшод Яҳёев дар мавзӯи "Таблиғот ва воситаҳои электронии муосир", Эраҷ Каримов, аъзои созмони ҷамъиятии "Созандагони Ватан" дар мавзӯи "Нақш ва мақоми ҷавонон дар таҳкими ҳадафҳои олии ҲХДТ", мудири шуъбаи таблиғот ва таҳлилии кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Ваҳдат А. Яқубов дар боби "Ҳуҷҷатнигорӣ дар ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ ва воситаҳои истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ" баромад карданд.

Зимни баргузории семинари омӯзишӣ дар атрофи зуҳуроти радикализм, терроризм ва ифротгароии хушунатомези диниву мазҳабӣ суҳбати озод баргузор гардид. Якдилона, ҳамагон фарҳанги таҳаммулгароӣ ва озодандеширо омили муҳими худшиносӣ шуморида, сулҳу суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро яке аз ҳадафҳои аслии худ шумориданд.

**Дар хотимаи семинари омӯзишӣ, чанд нафар аз иштирокчиён дар бораи муҳимият ва манфиати баргузории чунин семинарҳо ибрози андеша намуданд:**

**Музаффар НЕЪМАТОВ, раиси ТИ ҲХДТ дар филиали "Ориёнбонк"-и шаҳри Ваҳдат:**

- Ба андешаи ман гузаронидани чунин семинарҳои омӯзишӣ ҳадафнок буда, барои мо аъзои ҳизб манфиатоваранд, зеро савияи дониши ҳизбӣ ва малакаи моро дар фаъолияти минбаъдаамон боз ҳам қавитар мегардонанд. Дар семинари имрӯза, ба ман бештар мавзӯи ҳуҷҷатнигорӣ дар фаъолияти кории ҳизбӣ писанд афтод. Чунки яке аз самтҳои пешбурди фаъолият ин дуруст ба роҳ мондани ҳуҷҷатнигорӣ дар ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ мебошад. Семинари омӯзишии имрӯза шахсан ба ман якчанд паҳлуҳои ҳуҷҷатнигориро омӯзонд ва ман аз ин иқдоми КИМ ҲХДТ хеле мамнунам.

**Файзиддин ДАВЛАТ, раиси ТИ ҲХДТ дар Литсейи касбӣ-техникии шаҳри Ваҳдат:**

-Семинари омӯзишии имрӯза ба назари ман дар фаъолияти минбаъдаи мо раисони ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ дастури манфиатоваре шуд. Мавзӯъҳое, ки дар он баррасӣ гардиданд, муҳимият ва арзиши баланди маънавӣ доштанд ва дар фаъолияти минбаъдаи ҳизбӣ заминаи хубе гузоштанд.

Мусаллам аст, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дорои мазмунҳои нав гаштааст ва кору фаъолияти амалии фарогиреро анҷом медиҳад. Маҳз садоқату фидокориҳои мо метавонад ба ҷомеаи навин бақои ҷовидонӣ касб намояд.

**Руқия ДАДОЕВА, узви ҲХДТ:**

-Бузургонамон фармудаанд, ки "Дониш андар дил чароғи равшан аст". Бале, дониши хуб - рӯшанбахши дидаи мо мешавад. Семинари омӯзишии баргузоргардида, шахсан барои ман як дараҷа заковати маънавӣ бахшид ва моро ба паҳлуҳои нави фаъолияти ҳизбӣ ошно намуд. Мавзӯъҳои дар семинар баррасӣ шуда, муҳтавои баланду замонавӣ доштанд. Агар моҳе як маротиба чунин семинарҳои омӯзишӣ гузаронида мешуд, дар пешбурди фаъолияти мо заминаи хуб ва манфиати бештаре меоварад.

**Адолат ҒАФФОРОВА, узви ҲХДТ:**

-Ба назари ман гузаронидани чунин семинарҳои омӯзишӣ ба хусус барои ҷавононе, ки ба ҳайси раисони ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ фаъолият мекунанд, судманд ва самарабахш аст, зеро онҳо нерӯ ва дониши ҳизбияшонро зиёд карда, ҳамчун ворисони оянда ба халқу миллат хизмат намоянд.

**Файзиддин ШАРИПОВ, ҷонишини раиси ТИ ҲХДТ дар Коллеҷи омории шаҳри Ваҳдат:**

-Омӯзиш ва фарохтар намудани донишу малака тафаккури одамиро васеъ намуда, назарашро ба ҳама зуҳурот, ҳодисоту воқеоти зиндагӣ рӯшантару возеҳтар мегардонад. Семинари омӯзишии баргузоргардида, барои боз ҳам мукаммал гардонидани донишу малакаи мо -ҳизбиён мусоидат намуда, самарабахши фаъолияти минбаъдаамон мегардад.

*Маркази таблиғотӣ ва таҳлилии ҲХДТ*



# МУҲОҶИРАТ АВРУПОРО БА ТАҲЛУКА ОВАРДААСТ,

## АМРИКО БА ЁРӢ МЕШИТОБАД

***Бино бар иттилои расонаҳо гурӯҳи калони муҳоҷирон, ки дар сарҳадоти Венгрия дучори муқовимати бесобиқа гардида буданд, тавассути кишвари Сербия роҳи худро ҷиҳати фирор аз фақру бенавоӣ идома медиҳанд. Ба 17 ҳазор нафар муҳоҷир муяссар шуда, ки то сарҳади Сербия расанд.***

**ФЕЪЛАН** дар Аврупо ба масоили муҳоҷират назари мухталиф ба вуҷуд омадааст. Яке мехоҳад ба муҳоҷирон дасти мадад дароз кунад, дигаре барои ҳифзи ҳуқуқи онҳо садо баланд менамояд, вале аксарияти курсинишинони Аврупо аз воридоти муҳоҷирин ноҳинҷоранд. Зеро ҳалли мушкилоти миграционӣ пеш аз ҳама зарба ба киса аст. Ҳамчунone аз маълумоти оморӣ бармеояд, хароҷоти солона барои ҳар як муҳоҷир дар Аврупо ба 12-13 ҳазор евро баробар аст. Дар масъалаи мутобиқ шудани муҳоҷирон ба ҳаёти рӯзмарраи аврупоӣ ҳоҷати гап нест. Дар баробари ин мутааллиқ будани аксари муҳоҷирон ба дини Ислом миёни ҷомеаи аврупоӣ ақидаҳои радикалиро ба бор меоварад. Сарвазири Венгрия Виктор Орбан бо истеҳзо ёдоварӣ мекунад, ки садри кишварҳои аврупоӣ ин ҳолатро дарк намекунанд, ки бо ворид шудани муҳоҷирони мусулмон теъдоди онҳо ба маротиб афзуда, минбаъд насрониҳо дар рақобатҳо мағлуб хоҳанд шуд.

Ҳаракати муҳоҷират барои башарият, бахусус кишварҳои аврупоӣ ҳодисаи нав нест, вале ба ақидаи бархе аз олимону сиёсатшиносони ғарбӣ муҳоҷирати бесобиқаи сокинони дигар қитъаҳо ба сохти иҷтимоӣ, ҳаёти фарҳангӣ, маданиву маърифатии сокинон таъсири амиқ хоҳанд гузошт. Ин тамоилро президенти ИМА Барак Обама низ дар як суханронии хеш моҳи маи соли 2012 дар Лондон ёдрас шуда буд. Номбурда пешгӯӣ мекард, ки дар қарни 21 миллатҳои нав падидор мешаванд. Шояд фирор аз ватани бобоӣ ва ба кишварҳои дигар руй овардани сокинони давлатҳо мувофиқи барномаи тарҳрезинамуда амалӣ мешавад.

"Империя ва ваҳшиҳои нав" - чунин унвон дошт, асари коршиноси франсуз Жан-Кристоф Рюфэн, ки баъди соли 2020 дучори ҳуҷуми бесобиқаи муҳоҷиронро ба қитъаи Аврупо пешгӯӣ мекард. Ин пешгӯӣ аллакай амалӣ мешавад. Фақат муҳоҷирон нимвахшӣ нестанду тӯдаи нафароне мебошанд, ки дар ватан имкони зиндагии осуда надошта, бо умеди дарёфти қути лоямут ба макони амну осоишта кӯч мебанданд.

Қитъаи Аврупо аз шумули маконҳоест, ки сокинони қораҳои Африкаву Осиё орзу ва нияти дар кишварҳои он пайдо кардани ҷои кор ва зиндагии минбаъдаро доранд. Зеро тараққиёти кишварҳои аврупоӣ бо як маром ҷараён дошта, зиндагии сокинонаш осоишта ва аз чор се ҳиссаи шаҳрвандон ҳаёти серу пур доранд.

Агар ҳодисаи кӯчбандии сокинони қитъаи сиёҳпӯстон ба Аврупо таърихи тӯлонӣ дошта бошад, имрӯз ба онҳо фавҷи нави муҳоҷирон аз қитъаи Осиё ҳамроҳ мешавад. Ба касе пушида нест, ки аврупоиён ба ҳар роҳу восита кӯшиши пешгирии хуруҷи муҳоҷиратро чорасозӣ мекунанд. Барои амалӣ шудани ин ният усулҳои мухталиф роҳандозӣ гардида, дар аксари ҳолатҳо муҳоҷирон дучори муҷозот мешаванд. Яке аз паси дигаре ғарқ шудани киштиҳои мусофирбар, дар ҳудуди давлати Венгрия дар даруни нақлиёти боркаш фавтидани беш аз 70 нафар муҳоҷир, ҳафтае пеш бо гази ашкбор истиқбол гирифтани муҳоҷирон дар сарҳади ин кишвар шаммаест аз пешоруи муҳоҷирон қарор гирифтани монеаҳо зимни ҷалоли Ватан. Сарфи назар аз ҳар гуна монеъагузориҳо фавҷи муҳоҷират шиддат мегирад ва касе пеши роҳи онро гирифта наметавонад. "Гурусна ба шер дармеафтад", омадааст дар ҳикмати мардумӣ.

Тибқи ҳисоби коршиносон феълан дар кишварҳои аврупоӣ беш аз 18 миллион нафар муҳоҷир кору зиндагонӣ мекунанд. Ин рақамҳо муътамад аст. Дар қатори ин тариқи ғайрилегалӣ ба сар бурдани шаҳрвадони кишварҳои дигар қитъаҳо, шумори тахминии муҳоҷирон дар кишварҳои аврупоӣ 25 - 29 миллион нафар тахмин карда мешавад. Ҳанӯз соли 2005 миқдори муҳоҷирон дар Франсия 5, 6, Олмон 8, 2, Испания 9, 3, Белгия 11, 4 фоизро ташкил медод. Дар марҳилаи фавҷи нави муҳоҷират миқдори онҳо ба кадом ҳад баробар мешуда бошад?

Аз аввали сол то ба имрӯз беш аз 500 ҳазор нафар муҳоҷир ба кишварҳои Аврупо ворид шуд, ки қисми зиёди онҳо ғайрирасмӣ аст.

Хати ҳаракати муҳоҷират ба Аврупо аз Африкаи Шимолӣ ба воситаи Марокаш ва Гибралтар ба Испания ва кишварҳои баъдӣ мебошад.

Роҳи дигар аз ҷониби Туркия ва Курдистон ба воситаи Сербия Венгрия, Юнон ва Албания ба Италия ва Австрия аст. Теъдоди асосии муҳоҷирон шаҳрвандони Либия, Сурия, Афғонистон, Косово, Ироқу Покистон, Ҳабашистон ва дигар кишварҳои африкоӣ мебошанд. Худ қазоват намоед, муҳоҷирон аз маконе ба кишвари дигар рӯ ба гурез мениҳанд, ки он макон ҷангу хунрезист. Дар он кишваре, ки муноқишаи ҳарбӣ амал мекунад, баробари ноамнӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти он рӯ ба таназзул оварда, зиндагии осоишта ғайриимкон мешавад.



ИМА уҳдадорӣ гирифтааст, ки тӯли соли 2016 85 ҳазор муҳоҷирро дар ҳудуди худ ҷой диҳад. Соли 2017 бошад, боз 15 ҳазор нафари дигар имкони дар Америка кору фаъолият кардан доранд. Дар ин хусус вазири корҳои хориҷаи Америка Ҷон Керри якшанбеи гузашта дар мулоқоташ бо ҳамтои олмонии худ Франк-Вальтер Штайнмайер иттилоъ дод. Аз макони ҷангзада рӯ ба фирор овардани аҳолии осоиштаи Сурия баробари пеш овардани мушкилот ба роҳбарони кишварҳои аврупоӣ ҳокимони Қасри Сафедро ба ҷустани тадбирҳои амалӣ водор менамояд. Дар ҳоле, ки масъулини Қасри Сафед қабули 100 ҳазор фирории кишвари Сурияро тақозо менамоянд, президенти ИМА Барак Обама барои қабули 10 ҳазор гурезаи кишвари Сурия аз зердастонаш тақозо кардааст.

Айни замон дар Аврупо воридоти бесобиқаи муҳоҷирон муҷиби буҳрон шуда, оҷонсии Иттиҳоди Аврупо оид ба бехатарии сарҳадот (Frontex) ҷиҳати раҳои аз бӯхронро чорасозӣ менамояд. Аз хуруҷи бесобиқаи муҳоҷират аксари сарони кишварҳои аврупоӣ ба ваҳм афтода, омилҳои асосии муҳоҷират ва роҳҳои пешгирии онро ҷӯё мешаванд. Зеро ба ақидаи онҳо фавҷи муҳоҷират ба сохти давлатдорӣ, ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишварҳо тағйироти куллӣ ворид намуда, сохти геополитикии минтақаро дучори буҳрон карда метавонад.

## ПАПАИ РУМ МУНОСИБАТИ САРДИ АМЕРИКАВУ КУБАРО НАРМ МЕКУНАД?

**Сарвари руҳониёни католикии ҷаҳон Франсиск шанбеи гузашта бо сафари расмии худ ба пойтахти "ҷазираи Озодӣ" шаҳри Гавана рафт. Дар ҳоле, ки Папаи Румро дар фурудгоҳи пойтахт роҳбари Куба Раул Кастро Рус пешвоз мегирад, дар кишвар ба ин сафари сарвари руҳониёни католикӣ диққати зарурӣ равона карда мешавад.**

**ТИБҚИ** иттилои расонҳо мақсади асосии сафари 10 рӯзаи сарвари Ватикан ба Куба ва Америка барқарор кардани муносибати сард миёни Вашингтону Гавана аст. Ин ташаббуси наҷиби Ватиканро сокинони Куба, ки бар асари сиёсати пешгирифтаи маъмурияти Қасри Сафед тӯли 58 сол дар муҳосираи иқтисодӣ қарор доранд, бо хушнудӣ пешвоз мегиранд.

Роҳбари Куба Раул Кастро ташаббусҳои имдодхоҳонаи Франсискро қадрдонӣ карда, новобаста ба сиёсати давлатдории хеш ба Ватикан омада, таомули диниро ба ҷо оварда буд. Дар ҷавоби ин садоқати сарвари Куба маъмурияти Ватикан бо сарварии Папаи Рум соли 2014 дар созишномаи паси дарҳои пӯшидаи Гавана ва Вашингтон миёнаравӣ карда, ба он муваффақ шуда буданд, ки моҳи декабри соли гузашта муносибатҳои дипломатии Америка ва Куба барқарор шавад. Тобистони имсол сафоратхонаҳои Америкаву Куба ба фаъолият пардохтанд.

Ёдовар мешавем, ки Иёлоти Муттаҳидаи Америка баъди дар соли 1961 зимоми роҳбарии Кубаро ба даст гирифтани Фидел Кастро ва аз ҷониби сарвари инқилоби "Ҷазираи Озодӣ" ҳабси амвол намудани моликияти ба Америка тааллуқ доштаи Куба муносибатҳои дипломатиро канда, оғоз аз соли 1962 то ба имрӯз эмбаргои шадиди иқтисодӣ роҳандозӣ менамояд. Тӯли наздики 60 сол зери асорати шадиди иқтисодиву сиёсӣ нигоҳ доштани ҳамсоядавлат аз ҷониби маъмурияти Қасри сафед амри воқеист ва ба саҳифаи таърих рафтани ин сиёсат ҷавоби вақтро тақозо дорад.

## РУСИЯ ИҚТИДОРИ ҲАРБИИ ХУДРО ДАР ХОРИҶА УСТУВОРТАР МЕКУНАД

**Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин 19 сентябр ба вазоратҳои хориҷаву дифоъ амр дод, то музокираҳоро бо Белорус оид ба масъалаи ҷойгир намудани пойгоҳи ҳарбӣ-ҳавоии Русия дар ин кишвар шурӯъ кунанд.**

**МАҚОМОТИ** вазорати дифои Русия мегӯянд, дар ин пойгоҳ тайёраҳои ҳарбии СУ-27 мустақар хоҳанд шуд. Федератсия Русия дар Ҷумҳурии Беларус чун шарики стратегӣ ва кишвари ҳамҷавор то имрӯз истгоҳи радарҳо ва як маркази мухобироти киштиҳои зериобӣ дорад.

Дар марҳилаи ҳассоси ҷаҳонӣ таъсиси пойгоҳи нав дар Белорус ҷузъе аз барномаҳои стратегии Москва ҷиҳати афзоиши қудрати низомиаш дар хориҷ гуфта мешавад. То имрӯз пойгоҳҳои ҳарбии Русия аз Куба ва Ветнам баровварда шудаанд. Вале базаи ҳарбӣ- баҳрии Русия дар Тартуси Сурия чун нерӯи муқтадири таъсиррасон дар минтақа арзёбӣ мешавад.

Неруҳои ҳарбӣ-ҳавоии рус дар Арманистону Қирғизистон, ки шомил ба созмони нав- Иттиҳоди Иқтисодии АвруОсиё мебошанд, мустақар буда, Ҷумҳурии Белорус саввумин кишвари ин созмон аст, ки дар он нерӯҳои ҳарбии Русия ҷойгир карда мешаванд. Ва ин амал аз ҷониби Русия ба кишварҳои Ғарб як огоҳиест, ки Москва дахолат ба кори ӯро хуш надорад.

## ТЕҲРОН БОЗ МАВРИДИ ТАҲҚИҚИ МАГАТЭ

**Агентии ҳастаии Созмони Миллали Муттаҳид ният дорад, ғанисозии урани Эронро баҳогузорӣ кунад.**

**МУТОБИҚ** ба созишномаи Эрон бо давлатҳои шашгона, ки моҳи июл дар шаҳри Вена ба тасвиб расида буд, то охири соли равон Агентӣ оид ба энергияи ҳастаӣ (МАГАТЭ) мувazzаф аст, ки барномаи ҳастаии Эронро мавриди санҷиш қарор диҳад, то яқин гардад, ки Теҳрон ғанисозии ҳастаии хешро ба мақсади ҳарбӣ истифода кардани нест. Хулосаи МАГАТЭ барои бекор кардани таҳримҳои Ғарб нақши калидӣ хоҳад дошт. Бо ин мақсад сарвари оҷонсӣ оид ба энергияи ҳастаӣ (МАГАТЭ) Юкия Амано вориди Теҳрон шуд.

Юкия Амано дар ин кишвар бо роҳбарони воломақоми Эрон мулоқот намуда, рафти иҷрои уҳдадориҳои ҷониби Теҳронро мавриди санҷиш қарор медиҳад. Аллакай барои рӯшанӣ андохтан ба ҷанбаҳои мухталифи фаъолият дар самти коркарди уран аз ҷониби МАГАТЭ ба Эрон пурсишҳо сурат гирифта, то 15 октябр мулоқоти коршиносони техникии байналмилалӣ бо мутахассисони Эрон баргузор карда мешавад.

## БАШОР АСАДРО АЗ МАҚОМ БАРКАНОР КАРДАНИАНД

**Вазири корҳои хориҷаи Америка Ҷон Керри изҳор медорад, ки Президенти Сурия Башор Асад бояд аз мақом равад.**

**ЧУНИН** пешниҳоди масъули сиёсати хориҷии ИМА зимни мулоқот бо вазири корҳои хориҷаи Британияи Кабир Филип Ҳаммонд рӯзи 19 сентябр расонаӣ шуд. Ҷон Керри бошад, замони рафтани Башор Асадро тариқи музокирот муайян карданӣ аст. Дар ҳоле, ки номбурда аз Русия ва Эрон тақозо дорад, бо истифода аз нуфузи худ Асадро ба музокирот моил кунанд, тасмими Америка ҷиҳати барканории сарвари Сурия ҷиддист. Ба андешаи Керри зарурати ҳалли сиёсии ҷанги чорсолаи Сурия ва буҳрони шадиди ин кишварро хотима мебояд. Ин дар ҳолест, ки нерӯҳои ҳарбии Русия воқеъ дар Сурия дар ҳолати омодабош қарор дошта, ҷониби Русия пуштибонӣ аз Башор Асадро инкор карданӣ нест.

Феълан муноқишаҳои низомӣ миёни ҷангиёни ба ном "Давлати исломӣ", ки аксари куллашон зархарид буда, сиёсати тарҳрезинамудаи ҳоҷагони хориҷиро пиёда менамоянд, паст нашуда, куштору вайронкорӣ идома доранд.

"МХ"

# ОҚИБАТИ АЪМОЛИ БАД

**Вобаста ба рӯйдодҳои ҳафтаи аввали моҳи сентябри соли равон вокунишҳои расмӣ ба идораи ҳафтанома ворид мешаванд. Аз ҷумла дар Изҳороти расмии Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст:**

"Шаби 3 ба 4 сентябри соли 2015 собиқ муовини Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Назарзода Абдуҳалим Мирзо машҳур бо лақаби "Ҳоҷӣ Ҳалим" бо маслиҳати пешакӣ бо сардори Раёсати инспексияи ҳарбии Вазорати мудофиа Умаров Ҷунайдулло Сатторович ва дигар шахсони ҷиноятпеша аз ҳисоби собиқ хизматчиёни ҳарбии баталёни 25-уми қисми ҳарбии 31001-и Вазорати мудофиа бо мақсади оғоз намудани ҳамлаи мусаллаҳона зидди намояндагони сохторҳои қудратӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои Душанбе, Ваҳдат ва Рӯдакӣ нақшаи мушаххасро тарҳрезӣ намуда, худи ҳамон рӯз бо сӯиистифода аз ваколатҳои хизматӣ ба бинои маъмурии Дастгоҳи марказии Вазорати мудофиаи ҶТ, қисмҳои ҳарбии 08050 ва 17651 ворид гардида, теъдоди зиёди силоҳи оташфишони гуногунтамға, аслиҳа ва лавозимоти ҷангиро тасарруф намуданд.

Назарзода А.М. тайи солҳои охир бо мақсади амалӣ намудани кирдорҳои ҷиноятии худ бо дастур ва роҳбарии бевоситаи раиси Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон Кабирӣ Муҳиддин беш аз 20 гурӯҳи хурди ҷиноятӣ ташкил намуда, онҳоро бевосита роҳбарӣ менамуд. Тасмими охирин дар бораи ҳуҷуми мусаллаҳона давраи моҳи августи соли 2015 сурат гирифта, бо ин мақсад тавассути фондҳои бо ном хайриявии доираҳои муайяни кишварҳои хориҷӣ маблағҳои калони пулӣ ворид шудааст.

Бо мақсади дастгир намудан ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани гурӯҳҳои мусаллаҳи ҷиноятпеша аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ниҳодҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ситоди махсус таъсис дода шуда, дар рафти амалиёти зидди-террористӣ зиёда аз 600 адад силоҳи оташфишони гуногунтамға ва 11357 дона тирҳои гуногун ёфта, мусодира карда шуданд.

Зимни муқовимати мусаллаҳона 25 нафар террорист нобуд карда шуда, 125 нафар узви гурӯҳи террористӣ ва ҳаммаслакони онҳо, аз ҷумла 28 нафар бо ҳамкории фаъолонаи аҳолии маҳаллӣ муайян ва дастгир карда шуданд. Мутаассифона, дар ин амалиёт 14 нафар хизматчиёни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷони худро аз даст доданд.

Дар рафти тафтиши пешакӣ ба молу мулки шахсии Назарзода А.М. ба миқдори 9 корхона, 9 манзили истиқоматӣ, 56 адад воситаҳои нақлиёт ва дигар ашёи ғайриманқул ҳабс гузошта шудааст. Инчунин ба 3 манзили истиқоматӣ, шумораи зиёди техникаи хоҷагидорӣ, як бинои дуошёна иборат аз 27 ҳуҷра, 2 адад хонаи истиқоматӣ иборат аз 20 ҳуҷра, 2 адад сохтмони нотамом, корхонаҳо ва сехҳои дигари истеҳсолӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ бо масоҳати зиёда аз 26 гектар, шумораи зиёди чорвои калони шохдор ва ғайраҳо, ки ба аъзои дигари гурӯҳи ҷиноятӣ Муҳиддин Кабирӣ ва Ҷунайдулло Умаров тааллуқ доштанд ва арзиши умумии онҳо зиёда аз 120 млн. сомониро ташкил медиҳад, низ ҳабс гузошта шуд.»

Бино ба иттилои Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси далелҳои дар рафти тафтишот дастрасшуда, бо мақсади пешгирӣ кардани амалҳои нави террористӣ, ҷалб кардани шаҳрвандон ба содир кардани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, созмон додани дастаҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, инчунин халалдор намудани оромӣ ва амнияти мардуми Тоҷикистон 13 нафар аъзои фаъоли ҲНИТ, ки дар амалҳои ҷинояткоронаи гурӯҳи мусаллаҳи Назарзода А.М. гумонбар дониста мешаванд, баъди пурра нобуд гардидани ин гурӯҳи террористӣ кӯшиши пинҳоншавӣ ва фирор аз қаламрави Тоҷикистонро доштанд, боздошт гардиданд:

**1. Ҳисайнов Умаралӣ Фатоҳович, соли таваллудаш 1961, зодаи ноҳияи Мӯъминобод, истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Крупская, хонаи 114;**
**2. Ҷобир Раҳматуллои Раҷаб соли таваллудаш 1958, зодаи деҳаи Таҳназарии ҷамоати деҳоти Меҳрободи ноҳияи Файзобод, истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кучаи Ф. Аттор, хонаи №50;**
**3. Давлятов Абдуқаҳор Абдукаримович, соли таваллудаш 1975, зодаи ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ, истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ушаков, х.110, ҳуҷраи 8;**
**4. Каримов Саттор Самадович, соли таваллудаш 1959, зодаи шаҳри Кӯлоб, истиқоматкунандаи ноҳияи Ҳисор, ҷамоати деҳоти Мирзо Ризо, деҳаи Деҳи Нав;**
**5. Розиқов Зубайдуллоҳ, соли таваллудаш 1946, зодаи ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, хонаи 337, ҳуҷраи 15;**
**6. Муҳаммадалии Файзмуҳаммад, соли таваллудаш 1959, зодаи ноҳияи Панҷ, истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, маҳаллаи Хоҷанбиёи Поён, хонаи 125;**
**7. Ҳикматулло Сайфуллозода, соли таваллудаш 1950, зодаи ноҳияи Панҷ, истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ғафуров, бинои 10/1, хонаи 10;**
**8. Ҳаитов Махмадалӣ Раҳмонович соли таваллудаш 1957, зода ва истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Алишер Навоӣ, хонаи 17/4, ҳуҷраи 6;**
**9. Авазов Қиёмиддин Қурумҷонович, соли таваллудаш 1959, зодаи ноҳияи Вахш, истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Б. Ғафуров, бинои 10/1 хонаи 10;**
**10. Хуҷаева Зарафо Раҳмоновна, соли таваллудаш 1973, зодаи ноҳияи Қумсангир, истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Раҳмон Набиев, бинои 132, хонаи 40;**
**11. Набиев Маҳмадшариф Маҳмадалиевич, соли таваллудаш 1962, зода ва истиқоматкунандаи шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Фрунзе, хонаи 84;**
**12. Ғайратов Абдусамад Исмоилович, соли таваллудаш 1962, зода ва истиқоматкунандаи шаҳри Кӯлоб, маҳаллаи Тамошотеппа;**
**13. Қосидинов Воҳидхон соли таваллудаш 1956, зодаи ҷамоати деҳоти Чоркӯҳи шаҳри Исфара, истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Пулодӣ, бинои 19, хонаи 10.**

Дар ин робита инчунин Изҳороти Вазорати корҳои дохилии ҷумҳурӣ нашр шудааст, ки дар он аъмоли ҷинояткоронаи ин гурӯҳ маҳкум карда мешавад. Дар гузориши маркази матбуоти ин вазорат аз ҷумла омадааст:

"Бархе аз аъзои ин гурӯҳи ҷиноятпеша барои пинҳон намудани кирдори ҷинояткоронаи худ либоси занона ба бар карда, мехостанд фирор кунанд, вале ҳушёрию зиракии кормандони сохторҳои низомии мамлакат ин амали маккоронаю ҷинояткоронаи онҳоро ошкор сохт".

**Гарчанде Назарзода Абдуҳалим бо пайравонаш сар то по мусаллаҳ, дар мавзеъҳои касногузари дараи Ромити шаҳри Ваҳдат паноҳ мебурданд, дар натиҷаи амалиёти махсус 16-уми сентябри соли 2015 аз ҷониби кормандони ВКД, дар якҷоягӣ бо кормандони КДАМ ва дигар сохторҳои қудратии кишвар ин гурӯҳи муташаккили ҷиноӣ пурра несту нобуд карда шуд.**

**Аз ҷумла, худи ҳоҷӣ Ҳалим Назарзода, эшони Ҷунайд Умаров, мулло Умар Юнусов ва нафарони дигар, ки ҳамчун охирин аъзои фаъоли гурӯҳи террористӣ ҳисоб мешуданд, безарар гардонида шуда, ҳангоми аз назаргузаронии қароргоҳи онҳо силоҳу лавозимоти ҷангӣ дарёфту мусодира карда шуд".**

"МХ"




# Бадхоҳи касон ҳеч



**Муҳиба ЁҚУБОВА,**
**ноиби Президенти Академияи илмҳои ҶТ:**

- Сиёсати интихобкардаи Сарвари давлат, ки моҳияти аслии он сулҳу ваҳдатофарӣ мебошад, дар ҳама маҳфилҳо тарғибу ташвиқ шуда, амалан ҳар як сокини бофарҳанг бояд онро дастгирӣ кунад ва бо ҳамин пеши роҳи такрор шудани воқеаҳои нангине, ки хоинон содир кардаанд, гирифта шавад.

Он рӯзҳои сахте, ки солҳои 90-ум ба сари миллати тоҷик омада буданд, мо то ҳоло фаромӯш накардаем. Ҳодисаҳои чанд рӯз пеш бори дигар нишон дод, ки душманони миллати тоҷик то ҳоло дар бағал санг гирифта, дар камин нишастаанд. Онҳо ободиву шукуфоии Тоҷикистонро дидан намехоҳанд ва барои расидан ба ғаразҳои сиёҳи худ аз ягон амал, ҳатто аз гирифтани силоҳ ба муқобили Ватану халқи худ шарм намедоранд. Албатта, роҳбарон, иҷрокунандагон, маслиҳатгарони ин амали ҷинояткорона бояд ҷазо дода шаванд. Илова ба ин давлатдорону сиёсатмардонро мебояд сабабҳои ин ҳодисаи нангини рухдодаро ҳаматарафа омӯзанд ва ба он баҳои ҳақиқӣ диҳанд.

Мо, олимон ва ҳар як корманди соҳаи илм бояд сулҳу оромиву осоиштагии Ватанро мисли гавҳараки чашм ҳимоят кунем ва бо ҳамин дар рушди илму фарҳангу маданияти миллатамон саҳми муносиб гузорем.



**Кароматулло МИРЗОЕВ,**
**Нависандаи халқии Тоҷикистон:**

- Мардуми тоҷик як бор ҳамин ҳолатро аз сар гузаронида буд. Дар назар дорам рӯзҳои даҳшатбору сиёҳи солҳои 90-уми асри гузаштаро. Ин воқеаҳо дар романи "Марги бегуноҳ" инъикос ёфтаанд. Аз рӯйи ин роман 6 қисм филм ҳам ба навор гирифта шуд, ки тавассути телевизион намоиш доданд. Мардум ин асарро хуб қабул карданд, зеро ба андешаи онҳо ҳамон ҳодисаҳо аз сар гузаронидаашон дар он инъикос ёфтааст.

Аз даврони соҳибистиқлолӣ бисёр солҳо гузаштанд. Насли ҷавон, ки он солҳоро намедонанд, имрӯз ба доми фиреб афтода, ба гурӯҳҳои ифротӣ пайваст шуда, ба Сурия ҳам рафтанд. Аммо калонсолон азобу машаққати он солҳоро фаромӯш намекунанд ва намегузоранд, ки он ҳодисаҳо дубора такрор шаванд.

Гурӯҳи сар бардошта бо ҳамон дилу нияте, ки дар ибтидои солҳои истиқлолият доштанд, боз ба он даст заданд. Умедвор буданд, ки мардум аз пасашон мераванд. Лекин хато карданд. Насли пешин, ки ин азобҳоро аз сар гузаронидаанд, фарзандонашонро аз роҳи нодуруст ҳушдор доданд. Халқ, баръакс ба мубориза бархоста, макони силоҳбадастони бадхоҳро ба мақомот гуфтанд.

Чашми мардум акнун кушода шудааст. Онҳо хуб медонанд, ки Афғонистону Ироқу Сурия ва муҳоҷират чӣ гуна аст.

Боз як бори дигар ба Президенти мамлакат изҳори ташаккур мегӯем, ки сулҳу оромиро нигоҳ медорад. Дар чунин як давраи ҳассос, ки ҷаҳон ноором аст, Тоҷикистон осуда нафас мекашад. Барои ин шукрона бояд кард.



**Иброҳим УСМОНОВ, профессор:**

- Воқеае, ки аввали моҳи сентябри соли равон ба амал омад, ба назари ман кӯтоҳнигарии як гурӯҳ шахсонеро ифода мекунад, ки онҳо ба ин ё он шакл дар мақомоти қудратии мо кор мекунанд. Яъне онҳо пешомади ҳукумату давлати худро дуруст дарк карда наметавонанд ва ба қадри он сулҳе, ки бо машаққатҳои зиёд ба даст омадааст, намерасанд. Аз ин сабаб ман гумон мекунам, ки яке аз василаҳои пешгирии ин раванд, албатта беҳтар кардани кори идеология дар идораҳои қудративу интизомии ҷумҳурӣ аст, зеро пеш аз ҳама мустаҳкамии давлат ба мустаҳкамии ин идораҳо сахт иртибот дорад. Он чи ки ба амал омад, натанҳо барои як вазорат ё идораи кишвар, балки барои тамоми мардуми Тоҷикистон як амали нохуб аст. Зеро имрӯз нофаҳмида ё фаҳмида ба вуҷуд овардани ин ё он моҷаро, албатта ба рӯзгори мардум таъсири манфӣ мерасонад, ки натиҷаи он пеш аз ҳама дар ҳамин чиз зоҳир мешавад.

# а мақсад нарасад

**Мӯсо АСОЗОДА,
номзади илмҳои сиёсӣ:**



- Назари банда низ ба монанди аксарият нисбат ба он моҷарое, ки ахиран аз ҷониби Назарзода Абдуҳалим Мирзо, собиқ муовини вазири мудофиаи Тоҷикистон ба вуқӯъ пайваст, маҳкумкунанда аст. Ман за тамоми мардуми Тоҷикистон ва ба хусус аз тамоми шахсоне, ки калаванда ҳастанд ва фикру андешаашон дигар аст, эҳтиромона хоҳиш мекунам, ки дар мавриди афроде, ки бо роҳи мусаллаҳона хоҳиши сарнагун кардани ҳокимияти сиёсиро доранд, фикру андешаи солимро кор фармоянд, то фирефтаи найрангҳои чунин ашхоси бадхоҳ нагарданд. Имрӯз моро зарур аст, ки фикру андешаеро кор фармоем, ки суботи сиёсии Тоҷикистонро нигоҳ дошта тавонем ва ҳар як фикру андешаеро, ки мухолифи сохтори давлатист маҳкум намоем. Ба андешаи ман, моояндаи Тоҷикистонро дар суботи сиёсӣ сохта метавонем. Зеро кишварамон танҳо бо суботи сиёсии худ метавонад, ба рӯзҳои нек қадам ниҳад.

**Ғафурҷон РАСУЛОВ, корманди Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**



- Шахсе, ки ба қадри нону намак ва неъматҳои фаровони ин диёри зебоманзару гулбасар намерасад, аз неъмати сарватҳои дар ихтиёрашбуда носипосӣ мекунад ва даст ба қатлу ғорат мезанад, кӯрнамак аст, ба муроду мақсади нопокаш намерасад ва дучори шикасту нокомиҳо мегардад.

Сарнавишти генерали хиёнаткор ва ҳаммаслакони бадкирдораш, ки аз ваколатҳои хизматӣ сӯиистифода намуда, қасами ҳарбиашонро шикастаанд, барои афроди дигаре, ки мақсадҳои нопок доранд, сабақ бояд шавад.

Инҳо силоҳҳои оташфишони гуногунтамға, муҳимот ва лавозимоти ҷангиро тасарруф карда, ба муқобили халқи худ ҷангиданд ва баъд аз кушторҳои нангин ба кӯҳу пуштаҳо рӯ ба гурез ниҳоданд, ки оқибат ба маргу ҳалокаташон анҷомид.

Хуни ноҳақи рехтаашон онҳоро дар байни мардум шармандаву шармсор карда, ба коми марг кашид, онҳо аз дуои бади оилаҳои мусибатдида ба хориву зорӣ ва нобудӣ дучор шуданд. Шикасти ошӯбгарон сабақи воқеиест ба ифротиёни балвогар ва тундрав, ки бо машварати хоҷагони хориҷиашон Тоҷикистони азизи моро ноором карданӣ ҳастанд. Онҳое, ки ба сари бародарони ҳамватан ва ҳаммиллати худ теғ бардоштаниянд, ҳаргиз комёб ва муваффақ нахоҳанд шуд.

**Абдуфаттоҳ ВОҲИДОВ,
рӯзноманигор:**



- Баъд аз ҳазор сол миллати тоҷик соҳиби давлат шуд. Бадбахтона, мо чанд соли аввали давлатдориамонро барои ҳаллу фасл намудани баҳсҳо, моҷарои дохилӣ гузарондем. Ниҳоят баъд аз имзои созишномаи сулҳи байни тоҷикон мо ба тадриҷ ба ҳаёти осоишта баргаштем.

Акнун иқтисодиёти кишварамон рӯ ба инкишоф овардааст, мардум бо дилгармӣ барои ободонии мамлакатамон камар бастаанд. Фарзандонамон дар мактабҳо озодона таҳсил менамоянд. Дар баробари ин мо ҳар рӯз аз тариқи воситаҳои ахбори омма дар бораи зуҳури нерӯҳои носолими ҷангхоҳ дар кишварҳои араб, аз тарси ҷанг ба кишварҳои Аврупо муҳоҷират намудани садҳо ҳазор мардуми кишварҳои ҷангзада огоҳӣ пайдо менамоем.

Албатта, дар чунин шароит ноором сохтани вазъи кишвар ба манфиати халқу давлати мо нест ва нахоҳад буд. Баръакс, мо дар ҳар соҳае, ки фаъолият накунем, бояд аз як гиребон сар бароварда, тамоми қувва ва донишамонро баҳри ободии ватанамон сарф намоем, зеро танҳо дар шароити осоишта ва ризоияти миллӣ мо метавонем пояҳои давлатамонро устувор гардонда, баҳри зиндагонии боз ҳам шоистатар замина фароҳам созем.

«МХ»

*Дар робита ба хиёнати собиқ муовини Вазири мудофиаи ҷумҳурӣ Назарзода Абдуҳалим Мирзо ва ҳаммаслакони ӯ, ки фазои осудаи зиндагии мардум ва суботи ҷомеаи осоиштаи кишварро ноором сохтанд, аз гӯшаю канори мамлакат номаҳои эътирозӣ ба идораи ҳафтанома мерасанд.*

# ХИЁНАТРО НАМЕБАХШЕМ!

**АЗ ҶУМЛА ДАР МУРОҶИАТНОИ ЗАНОНИ ШАҲРИ ТУРСУНЗОДА ОМАДААСТ:**

*- "Модаронро офарандаи ҳаёт мегӯянд. Ҷанг бошад, танҳо маргу кушторр меорад. Аз ин хотир, дар ҳама давру замон ҷанг беш аз ҳама ба сари модарон бадбахтӣ меорад: дар ҷанг занону модарон падарон, ҳамсарон, бародарон ва фарзандони худро аз даст медиҳанд. Мо занону модарони тоҷикистонӣ ҳамагӣ чанд сол пеш чунин бадбахтиро аз сар гузаронида будем, ки захми хуншори он то ҳанӯз дар дили мо боқӣ мондааст. То имрӯз бо ёди бародарону шавҳарони номурод ва фарзандони ҷавонмаргамон, ки дар он ҷанги дасисабозону душманони миллат оғоз карда нобуд шуданд, аз ҷигари мо хун мечакад.*

*Чанд рӯз қабл боз дар сарзамини мо садои тир баланд шуду боз риштаи ҷони чанд падар, шавҳари зане, бародари хоҳаре ва ё фарзанди модари бадбахтеро канд. Ин садои тир тамоми модаронро боз ба таҳлука овард. Захми акнун карахшгирифтаи моро боз кушод.*

*Мо, занону модарон дар ҷанги солҳои 1991-1992 ба қавле дар ғафлат мондем. Чӣ будани ҷанг ва даҳшату офатҳои онро пас аз солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз ёд баровара будем,вале ин бор, ки худ бевосита шоҳиди оқибатҳои марговару харобиовари ҷанги дохилӣ будем, дар ғафлат нахоҳем монд. Мо бо овози баланд садо мекунем, то садои мо ба гӯши хоинони миллатамон бирасад.*

*Солиёни ахир мо модарон аз амалу кирдори шумо баринҳо дар таҳлукаву хавотирем. Чандин занону модарон аз оқибати амалҳои шумо аллакай заҳри марги фарзандро, ки бо сад умеду орзуҳо парварида буданд, чашидаанд. Шабу рӯз сари гаҳвораи фарзандон нишаста онҳоро ба воя расонидем. Худ нахӯрдаву напӯшида бо сарфаю сариштакориҳо онҳоро хонондем. Вале хоиноне мисли тарроҳону саркардаҳои исёни чанд рӯз пеш бо роҳҳои фанду фиреб фарзандони аз таҷрибаи рӯзгор бехабари моро фирефта намуда, ҳатто аз мазҳаби диниамон баровара истодаанд: якеро ба роҳи салафӣ мебаранду дигареро аъзои "Ҳизбуттаҳрир" ва ё Ҳизби наҳзати исломӣ мекунанд. Мо бехабар, фарзандонамон бо талқини шумо баринҳо ба давлати Сурия бо баҳонаи "ҷиҳод" рафта муқобили мардуми бегуноҳ ярок бардоштаанд. Имрӯз ҳаргиз модаре фарзандашро ба ҷангу кушторр, аъзои ин ё он ҳизбҳои террористӣ ё барои рехтани хуни одамон, баромадан аз мазҳаби ҳанафӣ, ки мою бобоён ва бобокалонҳоямон пайравӣ доштанд, талқин намекунем. Инро ҳам дониста бошед, ки мардуму миллат чунин хиёнату чунин кирдорҳоро ҳаргиз нахоҳанд бахшид ва ба ҳафт пушту зурриёти шумо лаънат хоҳанд хонд".*

**ҶАВОНОНИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ҲАМ ДАР ЯК МУРОҶИАТНОМА АМАЛИ ХОИНОНИ МИЛЛАТРО МАҲКУМ КАРДААНД:**

**- "Мо ҷавонони зода ва парвардаи даврони соҳибистиқлолии кишвар, ба ирода ва матонати миллати соҳибфарҳангу соҳибтамаддуни тоҷик эътимоди қавӣ дошта, рафтори хиёнаткорона ва ноҷавонмардонаи хоини миллат Назарзода Абдуҳалим (Ҳоҷӣ Ҳалим) ва он нафароне, ки нисбат ба Ватан, миллат ва фарҳанги миллии мо хиёнат мекунанд сахт маҳкум намуда, ҳамагонро ба бетараф набудан нисбат ба арзишҳои миллӣ, Истиқлолият ва ваҳдату амнияти пойдор, тақдири имрӯзу фардои ин хоку обу нон ва осоиштагии хонадону домани поки хоҳарону модарон даъват менамоем.**

**Мо, озодӣ ва ҳуқуқҳои конститутсионии худро муқаддас шуморида, ваҳдат, баробарию бародарӣ ва дӯстии миллату халқиятҳои Ватани азизамон-Тоҷикистонро арҷ гузошта, баҳри бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ бо азму иродаи қавӣ, талош меварзем.**

**ҶАВОНОНИ НОҲИЯИ ШАҲРИНАВ НАВИШТААНД, КИ ИН РӮЙДОДИ РАЗИЛОНА БАРОИ ОНҲО БОЗ ЯК ИМТИҲОН БУД:**

- "Ба думравони генерали хиёнаткор Абдуҳалим Назарзода таъкид карданием, ки Тоҷикистони азизи мо кишвари ибтидои солҳои 90-уми қарни гузашта нест. Давлат, халқ ва мамлакат бо шарофати сиёсати сулҳпарварона ва бунёдкоронаи Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунон соҳибқудрат гардид, ки ҳеҷ душман сари онҳоро ба қадри мӯ хам карда наметавонад.

Мо бо Президенти маҳбубамон ҳамдаму якдил будем, ҳастем ва доимо чунин мемонем. Мо ба ҳамаи ҷавонони кишвар, хоса ба онҳое, ки имрӯз аз нофаҳмӣ ба чунин ашхоси ҷиноятпеша пайраву ҳамроҳ шудаанд, муроҷиат карда мегӯем: Ба қадри фазои софу беғубори Тоҷикистони азиз, оромию осоиши халқ, пешрафту ободӣ бираседу шукри соҳибистиқлолию соҳибдавлатӣ кунед ва бароиояндаи гулгулшукуфони ҳар гӯшаю канори мулки аҷдодонамон талошу заҳмат ба харҷ диҳед".

**БОНУВОНИ ФАЪОЛИ НОҲИЯИ ХУРОСОН НИЗ АЗ ИН РАФТОРИ РАЗИЛОНА БА ХАШМ ОМАДААНД ВА БА САРКАРДАГОНИ ИН АМАЛИ НОҶАВОНМАРДОНА ЛАЪНАТ МЕХОНАНД:**

Касоне, ки Тоҷикистони азизро обод дидан намехоҳанд, бидонанд, ки мардуми тоҷикро гумроҳ сохтан наметавонанд. Ин ба "ҳован об куфтан" аст. Аз ин рӯ, зарурат надорад, ки чунин афроди нопок барои манфиатҳои шахсии худ Ватанро ноободу мардумро гумроҳу сарсону саргардон намояд. Ин миллат як бор фирефтаи барномаҳои манфиатхоҳонаи чунин дасисабозон шуда буд ва дигар бо роҳи хатарзои онҳо нахоҳад рафт, зеро соҳибистиқлолӣ ва озодию оромии ин кишвар азизтарин муқаддасот барои ҳар як фарди ҷомеаи кунунии Тоҷикистон мебошад".

**АЗ ИДОРАИ ҲАФТАНОМА:** ***Бале, халқу Ватан бадхоҳон, ноҷавонмардон ва хиёнаткорони хешро ҳаргиз фаромӯш нахоҳанд кард. Онҳо дар саҳифаҳои таърихи миллат, доғи нопоку сиёҳ, бо ҳазорон нафрин ва мазаммат ёдрас мешаванд, ки наслҳоиояндаи Ватан аз ин хиёнаткорӣ ва разилию нопокӣ парҳез бикунанд.***



# Олиме, ки рисолаташ ватанпарастист

***Фиристода бояд, ки доно бувад,***
***Ба гуфтан далеру тавоно бувад!***

- гуфта буд зиёда аз даҳ қарн муқаддам, Фирдавсии бузургвор. Воқеан, кас замоне ки ба намояндагӣ аз ҷомеа камар мебандад, пеш аз ҳама бояд шахси соҳибандешаву бомаърифат бошад, то ҳангоми расонидани афкори дигарон барои мусоидат ба ҳалли мушкилоти эшон ба иштибоҳе роҳ надиҳад.

Номзад ба Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе, аз ҳавзаи интихоботии рақами 23, Сайфиддин Назарзода аз шумули олимони шинохтаи кишвар, як фарди соҳибэҳтироми сарсупурдаи ин миллат ва ин Ватан аст, ки бори дувум маҳз барои чунин хислатҳояш ба вакилии маҷлисҳои маҳаллӣ пазируфта мегардад. Ӯ як даъвати гузашта аз соли 2010 то 2015 низ чун вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Шоҳмансур дар ин ниҳоди муҳим бо муваффақият намояндагӣ аз мардуми ҳавзаи интихоботии хеш карда буд.

Шарҳи ҳоли ин марди инак бар камоли хирад ва умр расидаро, агар ба хотир биёрем дар он танҳо заҳмат, заҳмат ва боз ҳам заҳмати зиндагиро мебинем. Сайфиддин Назарзода соли 1956 дар деҳаи Танобчии ноҳияи Совети (ҳоло Темурмалик) вилояти Хатлон ба дунё омада, хеле хурд аз падар ятим мемонад. Ӯ аз кӯдакӣ мардиву сарвариро дар зиндагии хеш бо дастони ҳанӯз кӯчакаш замоне баргирифта буд, ки бояд танҳо аз лаззати тифливу кӯдакӣ баҳра мебурд. Вале бо амри тақдир дар як они воҳид марги падар мардаш кард ва фаҳмид, ки бояд миён маҳкам бибандад ва бо талошу субот умри хеш ва зиндагии имрӯзуояндаашро худ бисозад. Ӯро омӯзгорони таҷрибаи рӯзгордоштаи хонаи бачагони Танобчӣ фарзандвор тарбия карданд, панди падаронааш доданд, вале ҳама хуб медонад, ки сағирахона чисту хонаи падар чи. Вале ин ҳама сангинии рӯзгор ӯро ҳидоят ба ростиву матонат мекард, ба мардонагиву сабурӣ ва бурдборӣ дар ростои ин даврони сахти кӯдакӣ менамуд.

Замоне, ки тасмими ба ягона Донишгоҳи кишвар - Университети давлатии Тоҷикистон шомил шудан дошт, медонист, ки ба ин мактаби олӣ танҳо довталабоне ҳуҷҷат месупоранд, ки аз зумраи баргузидагони макотиби миёна ҳастанд. Сайфиддин ҳам аз шумули чунинҳо буд, яъне мактабинтернатро танҳо бо баҳои аъло ва интизоми намунавӣ хатм карда буд. Ӯ донишҷӯ шуд, вале барои нафаре, ки танҳо бо идрорпулии донишгоҳ бояд бизияд, осон набуд, вале Сайфиддин алакай ба ҳама сахтиҳои рӯзгор тобовар гашта буд.

Ман ӯро аз ҳамон солҳо мешиносам. Мо дар курсҳои баробар дар факултаҳои филологияву шарқшиносӣ шарикдарс будем. Дар як хобгоҳ чун хоҳару бародар мезистем, нони каму ширини донишҷӯиро бо ҳам медидем. Шоҳид ҳастам, ки ӯ чун як ҷавони шармгини хоксор, вале пухтаву рӯзгордида, миёнамон фарқ дошт. Бо ҳамон ҷиддияти томаш, бо ҳамон масъулиятшиносии воқеияш, ки аз ҳамон дам то ба имрӯз ҳамқадами ин марди қавиирода гаштаву ӯро ба қатори шахсиятҳои пазируфтаи ҷомеа ҷойгузин гардонидааст, ӯро мешиносам.

Ӯ ҳанӯз таҳсилро ба итмом нарасонида, чун яке аз донишҷӯёни муваффақ аз тариқи Вазорати саноати нефти Иттиҳоди Шӯравӣ ба Афғонистон ба сафари хидматӣ фиристода мешавад. Дар он солҳо ноил шудан ба чунин боварӣ, танҳо насиби беҳтаринҳо буд, ки Сайфиддин яке аз онҳо буд. Воқеан ӯ аз донишҷӯёне буд, ки танҳо бо баҳои аъло мехонд. Бо итмоми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз моҳи сентябри соли 1980 то моҳи сентябри соли 1984 дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи давлати Шӯравӣ ба сифати тарҷумони низомӣ дар Афғонистон адои хидмат намуда,



ҳамон давра барои хизматҳои шоён ва сарсупурдагияш ба Ватан ба гирифтани мукофотҳои давлатӣ сарфароз мегардад. Баъдан Сайфиддин Назарзода ба Тоҷикистон баргашта, ҳамчун сарлаборанти кафедраи филологияи Эрони факултаи забонҳои шарқи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки худ хатмкардаи ҳамон даргоҳи илм буд, фаъолияташро идома дода, пас аз чанде муҳаррири сарредаксияи гуфторҳои хориҷии Кумитаи телевизион ва радиои Тоҷикистонро бар дӯш мегирад.

Сайфиддин Назарзода фаъолияти баъдии хешро дар баробари эҷодкорӣ ҳамчунин ба илм мебахшад ва аз моҳи ноябри соли 1990 то июни соли 1992 ба сифати корманди калони илмӣ ва Котиби илмии Кумитаи Ҷумҳурии истилоҳоти назди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин ришта заҳмат мекашад. Аз моҳи июни соли 1992 то феврали соли 1993 директори барномаҳои радиои Кумитаи давлатии телевизион ва радиои Тоҷикистон, аз феврали соли 1993 то январи соли 2000 ба ҳайси муовини раиси Кумитаи ҷумҳуриявии истилоҳоти назди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад. Баъдан аз соли 2000 то соли 2003 ҳамчун иҷрокунандаи вазифаи Раиси Кумита ва аз соли 2003 то моҳи октябри соли 2004 дар вазифаи муовини раиси ҳамин Кумита кор кардааст. Хизматҳои садоқатмандонааш дар роҳи илми забоншиносӣ ва истилоҳсозӣ бенатиҷа намемонанд. Ӯро аз моҳи октябри соли 2004 ба мансаби раиси Кумитаи ҷумҳурии истилоҳоти назди Раёсати АИ ҶТ таъин мекунанд. Сипас, аз моҳи марти соли 2006 дар вазифаи Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз моҳи майи соли 2011 ба ҳайси декани факултаи забонҳои Осиё ва Аврупои (собиқ шарқшиносӣ) ДМТ фаъолият меварзад. Моҳи декабри соли 2014 бошад бо Амри Президенти Тоҷикистон ӯро ба вазифаи Директори Китобхонаи миллии Тоҷикистон таъин мекунанд, ки акнун дониши андӯхтаву заҳматҳои чандинсолааш, ки ҳамаро метавон таҷрибаи рӯзгор номид, дар ин макони маърифату фарҳанг тавсеа меёбанд.

С. Назарзода соли 1991 дар мавзӯи вобаста ба таърихи лексикологияи забони тоҷикӣ рисолаи номзадӣ ҳимоя намуда, соли 2004 дар мавзӯи "Истилоҳоти иҷтимоӣ ва сиёсии забони тоҷикӣ: таърих, гароиш ва дурнамо" рисолаи докторӣ навишта, онро бо муваффақият ҳимоя намуда унвони баланди доктори илмро соҳиб мегардад.

Миёни олимони соҳаи забоншиносӣ ва филология ӯро ҳамчун як мутахассис ва олими фарҳангсоз мешиносанду эътироф мекунанд. "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" иборат аз ду ҷилд ва "Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ", ки аллакай дар истифодаи умум қарор доранд, маҳсули чандинсолаи заҳмати дар ҷодаи илм кашидаи ин марди донишварз ва яке аз соҳибони аслии забони ноби тоҷикист. Дар таҳия, таҳрир ва ба чоп расонидани луғатҳои соҳавӣ ва таҳияву тартиби истилоҳоти коргузорӣ, ки ба як паҳлуи муҳими фаъолияти илмии ӯ табдил ёфтааст, пайваста машғул аст.

Тавре аз мухтасари фаъолияти ин шахсияти донишвар бар меояд, Сайфиддин Назарзода дар давоми фаъолияти рӯзноманигорӣ ва илмии хеш ба масоили такмили қонунҳо низ ҳамеша алоқамандӣ доштааст. Чи дар Кумитаи истилоҳот ва чи дар институти забон ва адабиёт дар кори амалӣ намудани Қонуни забон кӯшиши зиёде ба харҷ додаст. То кунун ҳам ин корро идома дода ва дар ин ҷода ба дастовардҳои назаррасе ноил шудааст. Ӯ муаллифи 19 китоби илмӣ ва фарҳангу луғатнома, муҳаррири масъули 26 фарҳангу китобҳо ва маҷмӯаҳои илмӣ буда, дар маҷаллаву рӯзномаҳо бештар аз 200 мақолаи илмӣ ва илмӣ-оммавӣ навиштааст.

Сайфиддин Назарзода дар тарбияи кадрҳои илмӣ низ саҳми арзанда дошта, 24 нафар аспиранту унвонҷӯӣ таҳти роҳбарии ӯ машғули таҳияи рисолаҳои номзадӣ гаштаанд, 14 нафари онҳо рисолаҳои илмии худро анҷом дода унвонҳои номзадӣ ва докторӣ дифоъ кардаанд. Ӯ дар баробари корҳои идорӣ ва ширкати фаъол дар созмонҳои ҳизбиву илмӣ ба рисолаҳои докториву номзадӣ доир ба забоншиносиву истилоҳшиносӣ мунтазам тақризҳо менависад. Солиёни зиёде раиси Шӯрои диссертатсионии ҳимояи рисолаҳои доктории Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ буд ва ҳоло узви Шӯрои диссертатсионии ҳимояи рисолаҳои доктории ДМТ мебошад.

Агар дар бораи шахси дар ҷомеа шинохтае ҳарф мезананд, мардум ҳамеша ба ҳаёти шахсии ӯ таваҷҷӯҳ месозанд. Қаҳрамони мо низ аз зумраи мардони дар оиладорӣ намуна шинохта шудааст. Панҷ фарзанди хубу хушахлоқро Сайфиддин Назарзода бо ҳамсараш Марҳамабону дар рӯҳияи садоқат ба Ватану миллат ва инсони арзандаи ҷамъият шудан тарбия кардаанд. Фарзандони ин оилаи хушном тарбиятгирандагони мактаби 53-и пойтахт буда, ҳамагӣ дар ҳаёти мустақилонаву фаъолияташон муваффақанд. Духтари калонӣ-Нисо табиби амрози занона, Парвиз корманди Вазорати корҳои хориҷӣ, Шабнам ҳам дандонпизишк, Хусрав корманди мақомоти ҳокимияти иҷроияи шаҳри Душанбе ва Фирдавс меъмор-ороишгар буда, Академияи сохтмонии шаҳри Днепропетровскии кишвари Украинаро хатм кардааст. Хеле муҳим аст, оне ки ба намояндагӣ аз дигарон дар ҷомеа фаъолият дорад, намунаи ҳамагон чи дар хонаву чи дар кор бошад, ки хонадони Назарзодаҳо аз зумраи чунин оилаҳои номдору сазовор аст.

Сайфиддин Назарзода дар муддати фаъолияти кори хеш бо нишону медал ва ифтихорномаҳои гуногун қадр шудааст. Барандаи Ҷоизаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ мебошад.

Сайфиддин Назарзода аз соли 2005 узви Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон буда, ҳамчун як узви сарсупурда, фаъол ва содиқи ин ҳизб эътирофу шинохта аст. Айни замон узви комиҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Душанбе буда, аз фаъолони ин кумитаи ҳизбии пойтахт аст.

Зимни суҳбати охир бо ӯ, дарёфтам, ки Сайфиддин Назарзода аз ҳавзае ба вакилӣ пешбарӣ гаштааст, ки тӯли 42-соли зиндагиву фаъолияташ муқими ин ноҳия будааст. Ӯ ҳар як сокини ин ноҳия-ҳар як интихобкунандаашро нашиносад, ҳам аз рӯзу рӯзгори мардуми он комилан бохабар аст. Ба қавле, рӯзгори онҳоро аз дохил медонад, аз мушкилоташон огаҳ аст, ки барои як вакил ин чизи хеле муҳим аст.

Ба гуфтаи шахси боваринокаш рӯзноманигори саршинос - Абдуғаффори Камол: "Вакил сарфи назар аз он ки чи кора аст, бояд сухани интихобкунандаашро ба масъулин расонида тавонад ва тарҳҳое, ки барои зиндагии шоистаи онҳо мусоидат мекунад, ба тасвиб расонида битавонад. Яъне, шахси фозилу донишманд ва "овоздор"-е бошад, ки суханашро қурбу худашро манзалате бошад". Аз нигоҳи ӯ низ Сайфиддин Назарзода, ки суханаш вазн, гапаш қурб ва собиқаи журналистиву олимияш, таҷрибаи бойи устодияш, кори раҳбарияш ҳама имконотеанд, ки ҳар як интихобкунанда метавонад ин вакилро депутати асилу сазовор шуморад.

Воқеан, имрӯз ҳамин узв ва намояндаи ҲХДТ яке аз масъулиятҳои сангинеро бар дӯш дорад, ки тавъам бо ҳаёти умре ба омӯзишу пажӯҳиш бахшидааш аст. Ӯ ба ҳайси директори Китобхонаи миллии Тоҷикистон масъулияти хондану хонанда будани мардумро низ бар дӯш дорад. Масъулияти бо тамоми имконот дар хидмати мардум гузоштани як маркази бузурги фарҳангии ин миллатро, раҳбарии як корхонаи муҳташами маърифатро бар уҳда дорад, ки ин боварии Сарвари Давлатро дар нисбаташ метавон нишоне аз як шахси арзандаву сазовори ҷомеа эътироф шудани ӯ пазируфт.

Аз нигоҳи худи Сайфиддин Назарзода як вакили халқ нақшу рисолатҳои вижае дорад, ки иҷрои онҳо бояд дар мадди аввал бошанд. Нахуст аз ҳама вакил бояд бо халқ ва огаҳ аз дили мардум бошад, то ҳадди имкон талош биварзад, ки арзу ниёзҳои онҳоеро, ки бо умед вакилаш баргузиданд, пешорӯи масъулин гузошта тавонад. Бо роҳҳои қонунӣ ҳарчи тавонад ба дармондагону муҳтоҷон дасти кӯмак расонад. Ба таври фаъол аз номи интихобкунандагон дар мақомоти иҷроия намояндагӣ карда тавонад. Вакил муваззаф аст, ки дар баланд бардоштани сатҳи маърифати интихобкунандагонаш, дар рушди худогоҳи онҳо, дар шинохти асолаташон низ ба онҳо кӯмак созад. То тавассути таъсир расонидан ба мафкураи мардум барои таҳкими бахшидани мафкураи миллӣ саҳим бошад. Яъне, вакилӣ масъулияти хосаест, ки барои бар дӯш доштани он пайваста бояд кор кард ва бо зиндагии онҳое, ки туро ба намояндагӣ аз хеш пазируфтаанд, ҳамеша ҳамқадам бояд буд.

"Созандагӣ ва рушди босуботи Тоҷикистон" чун шиори асосии ҲХДТ ҳамчунин мароми ӯ дар зиндагиву кор мебошад.

Агар шаҳрвандон дар интихоби вакили хеш аз фармудаи Ҳаким Фирдавсӣ раҳи кор бигиранд, пас, шакке нест, ки интихоби онҳо нисбати як фиристодаи доно бехатост. Сайфиддин Назарзода ҳар рӯзу рӯзгоре, ки дорад, бо меҳнати ҳалол ва нӯги қалам ёфта аст ва худро бо фаъолияти иҷтимоиву намояндагӣ бештар дар хидмати мардум гузоштанаш низ гувоҳи соҳибхирадӣ ва ватандӯстиву ифтихори миллӣ доштани ин олими шинохта аст.

**Ҳуриннисо АЛИЗОДА**

Минбари халқ
23 сентябри соли 2015,
№39 (1018)



## Сюзен М. ЭЛЛИОТТ:

# «ДЕМОКРАТИЯ НИЗ ФУРСАТ МЕХОҲАД»

**Таърихи 25 декабри соли 1991 Иёлоти Муттаҳидаи Америка истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф намуд. Шурӯъ аз ҳамон сол кишварҳои моро риштаҳои муносиботи гуногунчабҳаи мазбут ба ҳам мепайванданд. Дар остонаи таҷлили 24 солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мо тасмим гирифтем бо Сафири Фавқуллода ва Мухтори Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хонум Сюзен М. Эллиотт суҳбате дошта бошем:**

**-Хонум сафир, Америка аз шумори аввалин кишварҳоест, ки истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохтааст. Аз он рӯз инак 24 сол гузашт. Имрӯз Шумо сатҳи муносиботи дуҷонибаро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

Имрӯз сатҳи муносиботи муштарак миёни кишварҳои мо дар ҳолати хеле хуб қарор дорад. Давоми 3 соле, ки ман дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси сафир фаъолият дорам, мушоҳида кардам, ки муодилоти мо дар ҷабҳаҳои гуногун ба самти мусбӣ тағйир пазируфта ва ин раванд идома дорад. Таваҷҷуҳи ИМА ба Тоҷикистон зиёд гашта, дар бисёр масоили минтақавию ҷаҳонӣ нақши кишвари шумо афзун гашта истодааст, ки бозгӯ аз сиёсати дурусту оқилонаи ҳукуматҳои ҳарду давлат аст. Масалан, чанд рӯз қабл ба Тоҷикистон фармондеҳи Фармондеҳии Марказии ИМА генерал Ллойд Остин ташриф оварда, бо Президенти Тоҷикистон ҷаноби Эмомалӣ Раҳмон мулоқот намуд. Дар бисёр масъалаҳое, ки мавриди назари ҳар ду тараф қарор гирифтанд-амнияти минтақавӣ, мубориза алайҳи терроризм ва гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва амсоли ин, ҷонибҳо омодагии худро ба ҳамкорӣ ва ҳусни тафоҳум изҳор намуданд. Бояд гуфт, ки дар доираи масъулияти генерал Остин кишварҳои зиёд, аз ҷумла Сурия, Ироқ, Либия, дигар кишварҳои Шарқи Наздик ҳастанд ва ташриф овардану мулоқот намудан дар масоили амниятии ин минтақаи паҳноварι сайёра бо Президенти шумо нишонаи он аст, ки нуфузи Тоҷикистон солҳои ахир рӯ ба афзоиш аст ва мо нуқтаи назари кишвари шуморо муҳим мешуморем. Равобити тарафайн судманди мо дар ҳоли рушду густариш ҳастанд ва итминони комил дорам, ки он боз ҳам мустаҳкам хоҳад гардид.

**-Ҳадафҳои Иёлоти Муттаҳидаро дар минтақаи Осиёи Марказӣ, ки Тоҷикистон низ ин ҷо мавқеъ дорад, шарҳ диҳед.**

-Ҳадафҳои аслии Иёлоти Муттаҳида дар минтақа тақвияти сулҳу субот ва амният, рушди иқтисодиёти кишварҳои он ва таҳкими демократияву мардумсолорӣ мебошад. Мо дар пиёдасозии ин самтҳо барномаҳои зиёд дорем ва пайи амалӣ намудани он ҳастем. Ин барномаҳо на танҳо ҷавобгӯ ба ҳадафҳои мо, балки ҷавобгӯ ба аҳдофи тамоми кишварҳои минтақа ҳастанд.

**- Аммо маҳз ҳамин вожаи "таҳкими демократия" аз забони ИМА имрӯз сокинони бисёр кишварҳоро ба ҳарос овардааст, роҳбарони бархе аз давлатҳо онро ҳамчун мудохила ба корҳои дохилии кишварҳои худ медонанд ва ба сони таҳмили зӯроварона қабул доранд... Бигӯед, ки ин тарсу ҳаросро асосе ҳаст ва раванди рушди "демократияи асил" чӣ гуна бояд бошад?**

-Нисбати "тарсу ҳарос" гуфтаниям, ки агар дар кишваре, ки унсурҳои мардумсолорӣ риоя мешаванду ҳукми қонун доранд, чунин «ҳиссиёти ногувор» зоҳир намегардад. Ин таблиғотест, ки режимҳои худкомаву тоталитарӣ барои ҳифзи ҳукмрониашон парчами худ кардаанд, ки гӯё "демократия бо роҳи зӯроварӣ метавонад таҳмил бигардад" ва аз ин як аъҷубае сохтаанд. "Таҳмили демократия бо истифодаи зӯроварӣ" на беш аз як маводи тарғиботиест, ки акнун зери ливои он гурӯҳҳои сиёсии муайяни қудратталаб дар баъзе кишварҳои олам "барномаи корӣ"-и худ кардаанд. Кишварҳои дорои ниҳодҳои демократӣ сари ин ягон ҳарос надоранд ва озодона дар ҳоли рушд ҳастанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати демократӣ, дорои ҳукумати бо роҳи демократӣ интихобгардида, парлумони касбӣ ва Сарқонуни мутобиқ ба тамоми меъёрҳои демократӣ мебошад. Кишвар ҳамагӣ 24 сол дорад ва дар давлатдорӣ такя ба қонуниятҳои демократӣ он қадар таҷрибаи калон надошта бошад ҳам, хушбахтона мебинем, ки дар ин самт ба муваффақиятҳои назаррас ноил шудааст. Ҳамагӣ 25 сол пеш кишвари шумо яке аз ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ буд, ки дар ҳолати мавҷуд набудани демократия дар сохтори тоталитарӣ ба сар мебурд ва ин дастовардҳо дар муддати начандон тӯлонии таърихӣ шоёни таҳсин ҳастанд.

Ба демократия ҳамчун ба як чараёни мусбӣ бояд нигоҳ кард. Дар он ҷое, ки демократия ҳукмфармост, ҳуқуқу озодиҳои ҷомеаву шаҳрвандӣ тантана доранд ва давлат низ қавитар мегардад. Иёлоти Муттаҳидаи Америка 239 сол қабл дар асоси қонунҳои демократӣ ташкил ёфтааст. Ва бояд зикр намуд, ки шурӯъ аз он давра демократияи мо боз ҳам рушд кард. Масалан, дар Сарқонуни давраи ҳамчун давлати мустақил ташкил шудани ИМА ҳуқуқҳои танҳо шаҳрвандони сафедпӯст ҳимоя карда мешуд. Имрӯз қонунҳои ИМА ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои тамоми табақаҳои иҷтимоии кишвар-занон, аққалиятҳои милливу нажодӣ ва ҷинсиро кафолат медиҳанд. Вақте ки мо имрӯз аз густариш ва рушди демократия сухан меронем ва ба шарикони худ барои роҳандозии унсурҳои демократӣ тавсия ва ёрӣ мерасонем, аз ин набояд тарсид, баръакс, бояд дарки онро намуд, ки ин амал баҳри рушди ҷомеа ва баробарии иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҳуқуқии инсонҳо равона шудааст.

**-Ҳамкории ИМА ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои иқтисод ва ҳарбӣ-техникӣ солҳои ахир чашмрас аст. Таваҷҷуҳи Америкаро дар густариши чунин ҳамкориҳо чӣ гуна маънидод мекунед?**

- Нақши муҳимро дар пиёда сохтани чунин ҳамкориҳо масоили амниятӣ мебозанд. Масъалаи ҳифзи сарҳадоти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз умдатарин вазифаҳоест, ки сармашқи равобити мо қарор гирифтааст. Тоҷикистон бо Афғонистон сарҳади тӯлонӣ дорад ва ҳифз кардану таҳти назорат нигоҳ доштани он воситаҳои техникии ҷадидро талаб мекунад, ки мо ба Тоҷикистон ёрии амалии худро дар ин самт мерасонем. Имрӯз Тоҷикистон дар пеши хати ҷабҳаи мубориза алайҳи терроризм ва гардиши маводи нашъаовар қарор дорад ва кӯмак расонидан ба он аз авлавиятҳоест, ки пешорӯи мо истодааст. Ин ба манфиати на танҳо Тоҷикистон ва минтақа, балки ба нафъи кулли мамолики сайёра аст.

Дар дигар масъалаҳо, аз ҷумла масоили иқтисодӣ, мо бисёр барномаҳоро аз ҷониби оҷонсии байналмилалии USAID дар ҷодаи таъмини амнияти озуқаворӣ, маорифу фарҳанг, тиб ва рушди иқтисодиёт роҳандозӣ мекунем, ки ба манфиати ҷонибҳост.

**- Шумо Афғонистонро зикр намудед. Аз соли 2001, ҳангоме ки ИМА ва қувваҳои эътилофӣ барои саркӯби ҳаракати террористии "Толибон" амалиёти ҳарбиро таҳти унвони "Озодии шикастнопазир" оғоз намуданд, инак 14 сол сипарӣ шуд. Вале ҳоло мо мебинем, ки вазъи амниятии кишвар то ҳол мураккаб боқӣ мондаву ҳукумати марказӣ қудрати таҳти назорат нигаҳ доштани тамоми қаламрави онро надорад ва толибон дар бисёр вулусволиҳо худро роҳат ҳис мекунанд. Истеҳсолу гардиши маводи мухаддир низ тӯли ин замон бамаротиб зиёд гаштааст. Ин моро ба ташвиш нагузошта наметавонад, чун Афғонистон кишвари ҳамҷавори мост. Бигӯед, ки ИМА ахиран ба аҳдофи пеши худ гузошта дар ин кишвар расидааст ё на?**

-Қувваҳои амниятии байналмилалӣ ба хоки Афғонистон бо мақсади мубориза бо терроризм ва режими мустабиди "Толибон" ворид шуданд ва дар ин самт мо аз дастгирии сойири кишварҳои дунё, аз ҷумла Тоҷикистон низ бархурдор гашта будем.

Шумо дуруст қайд намудед, имрӯз вазъи Афғонистон ноамн аст. Яке аз чизҳои муҳиме, ки барои субот лозим аст, ин мавҷуд будани ҳукумати қавӣ мебошад. Барои рӯйи кор овардани чунин ҳукумати мустаҳкам, ки тамоми қишрҳои мамлакатро муттаҳид хоҳад сохт, бояд намояндаҳои толибон аз амалҳои террористӣ даст кашанд ва дар ҷараёни сиёсӣ иштирок дошта бошанд. Аммо ман итминони комил дорам, ки вазъ нисбат ба 14 сол пеш хеле беҳтар шудааст. Бо вуҷуди мушкилиҳо, вазъи иҷтимоиву иқтисодии кишвар рӯ ба беҳбудӣ овардааст. Сатҳи саводнокии мардум, алалхусус ҷалби занону духтарон ба таҳсил бамаротиб афзудааст, соҳибкорӣ рушд пайдо намуд, ҳукумати бо роҳи демократӣ интихобшуда рӯйи кор омад- ҳамаи инро 14 сол қабл ҳатто тасаввур кардан аз имкон берун буд.

Лекин имрӯз бисёр таҳдидҳо ҳастанд, ки онро бояд худи мардуми Афғонистон бо кумаки ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳал кунад. Мақсади мо на пешбурди ҷанг, балки ба мардум ёрӣ расонидан мебошад ва Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи башарӣ дар ин самт бо мо ҳамақида аст. Қазияи Афғонистон роҳи ҳалли низомӣ надорад, вале дар сӯи роҳи ҳалли сиёсӣ боз аст. Мо дар ин кишвар ба дастовардҳои зиёд ноил гаштем, аммо моро ҳоло корҳои зиёд дар пеш ҳастанд.

Бояд махсусан қайд намоям, ки дар ҳамаи он вохӯриҳое, ки мо бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доштем, он кас ҳамеша ва қабл аз ҳама оид ба масъалаҳои вазъи Афғонистон ва мубориза алайҳи терроризм ва истеҳсолу интиқоли маводи мухаддир сухан меронд ва ӯ аз аввалин сарварони кишварҳои дунёст, ки сари ин таҳдидҳо аз минбарҳои баланд ҳушдор медод.

**- Бозмегардем ба масъалаи равобити дуҷониба. Ҷумҳурии Тоҷикистон устуворона рӯ ба рушд аст ва кайҳост, ки минтақаи ноамн маҳсуб намегардад. Аз чӣ сабаб Америка-кишвари дорои иқтисоди бузургтарини ҷаҳон дар масъалаи сармоягузорӣ ба кишвари мо назар ба дигар кишварҳо масалан Русияву Чин мафъул (пассив) аст?**

- Русияву Чин ҳамсояҳои Тоҷикистон ҳастанд ва имконоти бештаре дар самти сармоягузорӣ дар Тоҷикистон доранд, магар он ки ИМА, ки он тарафи уқёнус аст. Ман ҳамчун сафир мехоҳам, ки дар иқтисодиёти кишвари шумо ҷалби сармояи америкоӣ зиёд бошад. Имрӯз якчанд ширкатҳои бузурги амрикоӣ, аз қабили **Coca-Cola,** силсилаи меҳмонхонаҳои **Sheraton, Hyatt** ва ғ. дар кишвар фаъолият доранд. Зикр бояд намуд, ки барои ширкатҳои хурду миёна фаъолият доштан дар сатҳи ҷаҳонӣ мушкил аст, аз ҳамин сабаб ҷалби сармояи бештар мураккаб мегардад.

Мо тавассути барномаҳои худ, масалан лоиҳаи USAID ба шаҳрвандони Тоҷикистон кӯмак мекунем, ки онҳо худашон соҳибкориро пеш гиранд ва дар рушди иқтисоди кишвар саҳмгузор бошанд. Мо ба соҳаи маориф маблағгузорӣ мекунем, чун агар сатҳи маърифатнокӣ зиёд бошад, ҷалби сармоя низ осонтар хоҳад шуд. Мисоли дигар, яке аз самтҳои асосии лоиҳаи USAID ислоҳоти замин аст ва чун агар қонунгузории Тоҷикистон оид ба истифодабарии замин бо қонунҳои ИМА наздик бошад, маблағгузорӣ дар ин ҷода осонтар сурат мегирад. Ман инро мехоҳам ва боварӣ дорам, ки оянда иштирок ва имкониятҳои сармоягузорони америкоӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон хоҳад афзуд.

**- Шумо оид ба соҳаи маориф ҳарф задед. Барои он муҳассилини тоҷик, ки мехоҳанд дар ИМА идомаи таҳсил кунанд, чӣ тавсия медиҳед?**

- Мо барои муҳассилини тоҷик якчанд барномаву лоиҳаҳо дорем, ки дар Тоҷикистон роҳандозӣ шудаанд. Яке аз ин лоиҳаҳо барномаи "идрорпулии хурд" аст, ки қариб дар ҳама минтақаҳои Тоҷикистон дастрас аст. Дар доираи ин барнома мо ба онҳое, ки имконияти омӯхтани забони англисиро надоранд, кӯмак мекунем. Дигар барномае ҳаст барои пешбинӣ, ки такя ба он хатмкардаҳои макотиб метавонанд бозомӯзӣ кунанд ва барои идомаи таҳсил ба Америка рафта, он муддате, ки хонданашон идома мекунад, дар хонаҳои шаҳрвандони америкоӣ зиндагонӣ кунанд. Ва на танҳо дар ИМА, балки дар кишварҳои Аврупо низ метавонанд таҳсилро давом бидиҳанд.

Дигар ин ки мо марказҳои фарҳангии америкоӣ ва "гӯшаҳои америкоӣ" дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон боз кардаем, ки дар онҳо дастрасӣ ба омӯзиши забони англисӣ ва шабакаи интернет муҳайё ҳастанд ва ин марказҳо барои онҳое равона шудаанд, ки мехоҳанд дар ИМА таҳсил кунанд.

**- Имрӯз ягон масоили байналмилалие вуҷуд дорад, ки Америкаву Тоҷикистон ихтилофи назар дошта бошанд?**

- Ман фикр дорам, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ ягон масъалае вуҷуд надорад, ки мо назарҳои мухталиф дошта бошем. Масалан, дар пайи имзои созишномаи "5+1", ки барномаи ҳастаии Эронро фасл намуд, бисёре аз давлатмардони тоҷик изҳори қаноатмандӣ карданд, ки бо бардоштани таҳримот алайҳи Эрон равобити иқтисодии Тоҷикистон бо ин кишвар боз ҳам хубтар хоҳад шуд ва ин барои Тоҷикистон аҳамияти бузург дорад. Мисоли дигари муносиботи хуби мо ин табрикоти бархе аз дӯстони тоҷики мо буд, ки аз барқарорсозии муносиботи дипломатии Америкаву Куба изҳори хушнудӣ карданд ва қайд намуданд, ки ин ташаббуси хеле хуб аст. Такрор мекунам, ман ягон масъалаеро намебинам, ки сари он фикрҳои мо гуногун бошанд.

**- Гарчанде суолҳо зиёд ҳастанд, аммо вақти Шуморо аз ин беш намегирам. Дар анҷом, муносиботи минбаъдаи кишварҳои моро чӣ гунаояндабинӣ мекунед?**

- Дар ин масъала хушбин ҳастам. Муддати ин 3 соле, ки ин ҷо ба ҳайси сафир фаъолият дорам, бо қаноатмандӣ бояд зикр кунам, ки сатҳи муносиботи мо боз ҳам қавитар шудааст. Шумо қаблан суол додед, ки оё мо дар диди ягон масъала мухолифат дорем-агар чунин масъала иттифоқ уфтад, мо озодона сари он муҳокимаронӣ мекунем, ки ин бозгӯ аз сифати аълои равобити муштарак аст.

Дар охир мехоҳам хонандагони ҳафтаномаи "Минбари халқ" ва кулли мардуми кишвари ба мо дӯстро бо рӯзи 24-умин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик намоям ва ба онҳо саломативу комёбиҳо орзу намоям.

**Мусоҳиб Азамат ДӮСТОВ**

# «Идгардак» - ДАРСИ ТАЛБАНДАГӢ?

**Шиносеро дидам, ки чанд қуттии сақичу пуфак харида буд. Пас аз "салому алайк" ва пурсупоси аҳвол нигоҳи ботааҷҷубу ҳайрати маро ба бастаҳои харидааш пай бурда, бо ҳасрат гуфт: "- Илоҷи дигаре нест. Ба идгардаки бачаҳо тайёрӣ мебинем. Иди гузашта ду қуттӣ "жевачка" гирифта будем, нарасид. Ин бор супориш шуд, ки зиёдтар гирам. Ид аст, бачаҳоро хурсанд кардан лозим. Нахарию набарӣ, нашавад."**



Ин дам зане, ки пештар гузашта интизори шиносам истода буд, садояш кард. Аз афти кор ҳамсараш буд, ки бо ду халтаи пури дигар маҷолу ҳавсалаи интизориашро надошт.

Мо якдигарро пешопеш бо ид табрик гуфта, хайрухуш кардем. Қариб ҳар яке аз мо, калонҳои оила ин аҳволро дорем. Ташвишу вазъияти худу мардумро дида, гоҳе мегӯям, ки "хайрият, фақат дар ду ид одати «идгардак» аст ва кӯдакон ҳоло ёд нагирифтаанд, ки дар идҳои дигар ҳам хона ба хона гашта чизе талаб кунанд. Аммо дар ҳамин ду иди бузургу муқаддас хонаводаҳо чӣ қадар маводи камарзишу камлозимро мехаранду ба кӯдакон тақсим мекунанд. Сақичу пуфак, «чупа-чупс»-ҳои арзону худсохт, мошинчаву бозичаҳои дигари арзони камсифат (ки бисёри вақт кӯдак то ба хона нарасонда вайронаш мекунад) аз маводи ба истилоҳ ба ҳама дастрас буда, ки ҳар фурӯшандаву ҳар дӯкон дар ихтиёр дораду мо ҳамчун «кӯдакфиребкунак» мехарем.

Ҳар сол дар ҷумҳурӣ аз сад ҳазор нафар бештар кӯдакон ба мактаб мераванд. Агар миқдори кӯдакони 5-6 сола ҳам аз ҷумлаи харҷигиракҳо ҳисоб кунем ва инчунин бачаҳои як сол калон - 8 солаҳоро ҳам ба ин гурӯҳ шомил намоем, тақрибан 400 ҳазор нафар мешаванд. Аз ин шумораи умумӣ фақат 200 ҳазор нафарро аз кӯдакони фаъоли ид ва харҷигиракҳои ашаддӣ донем, ки идгардак мекунанд, як армияи калону бонуфузи кӯдакона ташкил мешавад, ки саҳари барвақти ид ба хонаҳои мардум ҳамла мекунанд.

Фарз кардем, ки ҳар кадоме дар давоми амалиёти ҷамъоварии харҷӣ як килограммӣ аз ин кӯдакфиребкунакҳо бигирад, 200 ҳазор килограмм ё 200 тонна мешавад. Бо мошинҳои 40 тоннагии "Фура" ва "Ман" ҳисоб кунем, дар 2-3 рӯзи ид 5 мошин боре, ки пас аз хариданаш дигар ба касеву ба чизе фоида намеорад, дар ҷомеаи тоҷик тақсим мешавад.

Фақат коғазу этикетка (барчасб)-ҳои рангорангаш кӯчаҳоро пур мекунаду бақия дар ишкамчаҳову меъдачаҳои нозуку наҳифи кӯдаконамон ҷой мегиранд. Маводе, ки ба ҷуз зарар чизи дигаре надоранд.

### ИН ОДАТ АЗ ДЕҲА БА ШАҲР ОМАД

Яке аз ҳамсояҳоям ин ҳодисаро ҳикоят кард: «Дар яке аз идҳои гузашта ду кӯдакам ҳамроҳи бачаҳои ҳамсоли худ идгардак рафта, аз як килограмм зиёдтар сақичу конфетҳои рангоранги баромадашон номаълумро ҷамъ карда, дар халтаҳояшон оварданд.

Хурсанд шудам, ки акнун як моҳ дигар "ин хар"-у "он хар",- гуфта гаранг намекунанд.

Вале чӣ мегӯед, ки рӯзи дигар аз кор баргашта пурсидам, ки идгардакҳои дирӯзаатонро куҷо кардед? Гуфтанд: -Ҳамаашро хӯрдем.

Ин хабар бароям ҳайратовар, вале дарди бахайр мебуд, агар шаб яке табу дилбеҳузурӣ намекард.

Маҷбур шудам ба духтураш барам. Баъди ташхис маълум шуд, ки сақич зиёд фурӯ бурдаасту меъдаашро гирифтааст. Чанд дору ва дармон гирифта як ҳафта табобаташ кардем.»

Дар суҳбатҳо баъзе нафарон эътироз мекунанд ва мегӯянд: - Ид як рӯз аст, ҳар кӣ дошта бошад, мехараду медиҳад, надошта бошад не. Ин одат аз гузаштаҳо мондааст. Мову шумо ҳам дар вақташ мегаштему ҳар чӣ медоданд...

Дуруст. Одати гузаштаҳо асту мо ҳам ба хонаҳои хешу табор рафта идро муборак мегуфтем. Аммо то ҷое ман ёд дорам, дар гузашта кӯдакон фақат ба хонаҳои хешу табор мерафтанд. Ва дар кӯча ҳам аз ҳар каси аз пешашон баромада харҷӣ талаб намекарданд.

Ин одат дар шаҳрҳо қариб набуд. Ва агар ҳар чизе буд, дар деҳот буд.

Он ҷо ҳам фақат бачаҳои хешу табору кӯдакони ҳамсоя меомаданд, маводе, ки дода мешуд, ба маънӣ буд -кулчаю конфет, тухму хурмо медоданд.

Ҳоло тасаввур кунед, ки агар дар як бинои 9 ошёна 40- 50 хона бошад ва аз ҳар кадом хона ба ҳисоби миёна 2- 3 харҷигирак барояд. Пас шумо бояд барои 100-120 нафар чизе тайёр кунед.

Ҳар чизу ҳар одат ҳадду меъёр дорад, аз ҳад, ки гузашт, мазаю ҳуснаш мепарад, маъниаш мекоҳад.

Мо ҳеҷ гоҳ зид нестам, ки бачаҳои хешу табор ва пайвандони наздик, бо бузургонашон ба меҳмонӣ оянд ва ё худ рафта идро ба пайвандон табрик гӯянду ҳадя бигиранд. Ба ин васила, риштаҳои хешу таборӣ тақвият шуда, меҳр ба якдигар меафзояд. Дар зеҳни бачаҳо ҳам хоҳад монд, ки амак, хола, тағо, ё бобои фалонӣ дар рӯзи ид ба ӯ харҷӣ ва ё чизҳое ҳадя дода буд. Ҳамон гуна, ки банда низ хотираҳоеро аз рӯзҳои иди даврони кӯдакӣ ва он ҳадяҳое, ки хола ва ё амакҳоям рӯзҳои ид ба хонаамон омада дода буданд, дар ёд дорам.

Аммо имрӯз вақте бача намедонад, ки дар хонае дар бинои ҳамсоя кӣ зиндагӣ мекунад ва ё дар кӯча аз чӣ касе харҷӣ металабад, он чизҳое ки шумо медиҳед, ҳеҷ маънӣ надорад, ба ҷуз ин ки дар зеҳнаш одати чизе талабидану гирифтанро ҷо мекунад.

### "РАҲБАНДОН" ОДАТИ НАВ, ВАЛЕ ХУНУК

Одатҳо ҳам бояд низом дошта бошанд (донистa танзим намегӯям, то ғаши баъзеҳоро наорам), на ин ки ба дарсе барои талбандагӣ табдил ёбанд.

Чанд сол пеш раҳбандон набуду касоне (шояд онҳое, ки "сабақ"-и идгардакро гирифта буданд)-у синнашон акнун калонтар аст, онро ҷорӣ карданд.

Ин одат як муддат хеле авҷ гирифт. Бачаҳои ноболиғ ҷамъ шуда ба роҳи мошингузари деҳа ва ҳатто назди хонаҳои баландошёнаи шаҳр монеаҳое аз сангу оҳан ва ҳар чизи дигаре, ки ба дасташон меафтад, месозанд ва чун мошини арӯс домод гузаштанӣ шавад, пеши роҳашро гирифта пул талаб мекунанд. Соҳибони арӯс ва ё тарафи шаҳ 20, 30, 40 сомонӣ дода халос мешаванд. Инҳо дигар он кӯдакони идгардак мекардагию пул мехостагӣ нестанд, балки бачаҳои бузургсолтаре ҳастанд, ки тақозо мекунанд. Бачаҳоеанд, ки синнашон аз даврони идгардак гузашта ва акнун тавони ахозӣ (рэкет, ба зӯр гирифтан)-ро доранд.

Ин ҳам як одати дигар аст, ки бачаҳо аз роҳи муфт ва осон чизе мехоҳанд ба даст оваранд. Агар "намедиҳем!", гӯӣ, "силоҳ"-ашон тайёр аст, бо сангу оҳани дар дасташон буда таҳдид мекунанд ва ба мошини оростаи тӯёна "ҳамла" карда зарар мерасонанд.

Дар рӯзҳои ду иди бузурги мазҳабии мо одати дигаре ҳам дар шаҳр бештару дар деҳот камтар роиҷ шудааст.

Бачаҳо, ҷавонмардҳое ба сар тоқӣ ва ё арақчин ба танҳоӣ дар ба дар мегарданд.

Дарро, ки боз кардед, пас аз табрики ид майли даромадан мекунанд. "Парол"-ашон ин аст, ки мегӯянд:- Ба арвоҳи гузаштаҳо як "Қуръон" хонем.

Барои ин афрод фарқ надорад, ки ба сари дастурхони идона, роҳаш медиҳед ё не. Аз дар ки даромаданд, дар кунҷаке нишаста, порае аз кадом як ояти ба зӯр ёдкардаашонро хато мехонанд ва бо ин шуморо гӯё қарздор карда, чашм ба дасту ба ҷайбатон медӯзанд. Ин навҷавону ҷавонмардон аз касоне ҳастанд, ки гоҳе ришаке ( барои тез ва бештар зери таъсир гузоштани зеҳни соҳиби хона) доранд. Шумо онҳоро намешиноседу бори аввал мебинед. Вале мутмаин бошед, ки ин бор дасташро "сафед" кардед, идҳои дигар боз ҳам меҳмони нохондаатон мешаванд ва мегӯянд: - Ҳоҷӣ-ака (гоҳе "раис-бобо" мешавед), ид муборак! Дар ҳаққи гузаштаҳо як қуръон хонем.

Дар ин ҳолатҳо муллобачаҳои навбаромад ба эҳсосу заъфҳои занону модарон умед мебанданд ва бовар доранд, ки агар марди хона дуруштӣ кунаду аз дар биронад, модарон ҳеҷ гоҳ ин корро намекунанд.

Мо ҳам якояки шумо, хонандагони ин матлабро ба ид табрик мегӯем. Мабодо, ки ин навишта малоли хотиратон шуда бошад. Мо фақат гуфтем. Боқӣ чӣ бояд кард? Ҳар кӣ худ медонад…

**Солеҳ ЮСУФОВ**

## БА ТАВАҶҶУҲИ МАСЪУЛИНИ НАҚЛИЁТИ МУСОФИРБАР ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

# ПУЛЧИНАКҲО БОЯД ОДОБИ МУОШИРАТРО ОМӮЗАНД




**Мушкили нақлиёти ҷамъиятӣ яке аз мушкилиҳои доғи рӯз ба шумор меравад, ки роҷеъ ба масъалаи мазкур борҳо дар воситаҳои ахбори оммаи кишвар, мақолаву гузоришҳои таҳлиливу танқидӣ ба нашр расидааст. Мутаассифона, дар самти хизматрасонии нақлиёти ҷамъиятӣ ҳамоно камбудиҳое ба чашм мерасанд, ки дар баъзе ҳолатҳо кас худро таҳқиршуда меҳисобад.**

**"Биё бача, се сомонӣ, Қарaболо мереме Қараболо. Ҳе, биё, мереме, пр шид, а бача намешинен бестен ма одам бор мекунм".**

**Шояд хонандаи закӣ пас аз хондани сатрҳои боло, дарҳол пай мебарад, ки ин гуфтаҳо аз забони ин ё он пулчинак ё худ кондуктори кадом як нақлиёти мусофиркаш садо додааст. Ё шояд аксарият ин ҳарфҳои гӯшхарошу дилгиркунандаро борҳо шунидаанд...**

**Бале, ин ҳарфҳо хоси аксарияти пулчинакҳои нақлиёти ҷамъиятӣ мебошанд, ки на ҳама тоби шунидани чунин суханҳои дурушту бемазмунро доранд.**

**Рӯзи якшанбе, 20 сентябри соли равон, дар роҳ ба самти бозори "Корвон" ду ҳолатро мушоҳида кардам. Аз дидани ҳолати аввал хурсанд шудам, вале сад афсӯс, ки дидани ҳолати дуввумӣ дилгиркунанда буд...**

**Беҳтараш бардошти худро аз он ду ҳолате, ки дар нақлиёти ҷамъиятӣ мушоҳида кардам, нақл мекунам то шумо ҳам ба умқи масъала сарфаҳм равед.**

**Субҳи рӯзи якшанбе барои расидан ба бозори "Корвон" аз истгоҳи назди маҳаллаи Гулистони пойтахт ба нақлиёти мусофиркаши самти 33 савор шудам. Фазои дохили нақлиёт ором буд ва касе ба касе халал намерасонид. Ин ҳолат маро каме ба ҳайрат овард, зеро тайи ду ҳафтаи охир буд, ки дар дохили дигар нақлиёти мусофиркаш чунин фазои оромро мушоҳида накарда будам. Чаро ки аксар вақт баъзе ронандаҳо садои мусиқиро чунон**



**Ҳамасола дар арафаи идҳои Рамазон ва Қурбон масъалаи болоравии нархи наво дар бозорҳои кишвар мардумро ба ташвиш меорад. Сабабҳои ин ҳолат гуногун арзёбӣ мегардад. Аз ҷумлаи омилҳои асосӣ баднафсии савдогарону тоҷирон гуфта мешавад, ки фикр мекунанд молу маводашон таи чанд рӯзи ид ҳатман харидор меёбад. Мардум низ ҳама гуна маҳсулотро бо арзиши гарон мехаранд, то ҳамсояву дӯстон ба дастархони онҳо "айб накунанд". Шаҳрдории Душанбе чанд соли ахир иқдомотеро барои коҳиш додани нархи наво анҷом медиҳад. Аз ҷумла, пешопеши идҳои Рамазону Қурбон комиссияҳои гуногуни депутативу ҷамъиятӣ дар бозорҳо фаъол гардида, танзими нархҳои тавсияшударо назорат мекунанд. Бо ин ҳама тасмимҳо, мутаассифона, вазъият дар умум тағйир намеёбад. Боз ҳам ҳолатҳои болоравии нархҳо ба назар мерасанд.**

# Мусобиқаи «ДАСТАРХОНИИ КӢ БЕҲТАР?»

## ё таҷлили идҳои мусулмонӣ бояд чӣ гуна сурат гирад?

**ЗИМНАН,** бархе аз таҳлилгарону коршиносон барои ҳалли мушкили мазкур пешниҳод карда буданд, ки ҳукумат таҷлили идҳои Қурбону Рамазонро ҳам дар доираи қонун "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо" баррасӣ намояд. Баъзе саховатпешаҳо дар арафаи иди гузаштаи Фитр эълон намуданд, ки дар хона дастархони идона нахоҳанд оросту ба ҷои ин маблағи сарфмешударо ба амали хайр, масалан додани маблағ ба ягон шахси нодор, ё ба ятимхона бурдани маҳсулоти зарурӣ сарф мекунанд.

Пас саволе пайдо мешавад, ки чунин "бодабдаба" таҷлил кардани идҳои мазҳабӣ то куҷо асоснок аст? Оё дар кишварҳои дигари мусулмонӣ низ идҳоро чунин пешвоз мегиранд?

Маълум аст, ки кишварҳои гуногуни исломӣ идҳои мазҳабиро вобаста ба анъанаҳои милливу ҷуғрофиашон таҷлил мекунанд. Масалан, дар Ҷумҳурии Тотористон дар саҳари ид кадбонуҳо танҳо чалпак мепазанд. Дар Арабистони Саудӣ бошад, аз саҳар хурмо, ё ягон ширинӣ ва мева мехӯранду ба меҳмонон пешкаш мекунанд. Дар Қирғизистон мардум дар ин рӯз дастархон омода накарда, одамон ба хонаи 7 нафар рафта, фотеҳа мехонанд. Дар ин рӯз дар кӯчаҳои Қирғизистон ягон кӯдак дида намешавад, ки ба идгардак раванд.

Хуллас, кам ба назар мерасанд кишварҳое, ки дар онҳо рӯзи ид маблағи зиёд сарф намуда, барои дигарон дастархон омода кунанд.

Тавре ишора кардем, таҷлили идҳо дар кишварҳои гуногун вобаста ба анъанаву шароити ҷуғрофиашон сурат мегирад. Ҳатто дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон низ идҳои Қурбону Рамазонро ба гунаи мухталиф ҷашн мегиранд. Аз ҷумла, дар бисёре аз навоҳии шимоли мамлакат аслан идгардак ҷойиз нест. Гуфта мешавад, рӯзҳои ид мардум танҳо ба хонаи нафароне рафта дуо мекунанд, ки ба наздикӣ ягон пайвандашон фавтидааст. Аммо ин маросим бидуни дастархондорӣ сурат мегирад. Кӯдакон ҳам ба идгардак намераванд.

Воқеан, яке аз шартҳои асосии таҷлили идҳои мазҳабӣ ин фотиҳа хондан дар сари манзили наздикон аст. Аз ин хотир, дар аксари навоҳии кишвар идҳои Қурбону Рамазон ҳатто пеш аз намози ид мардум ба қабристон рафта, дар ҳаққи гузаштагони худ дуову фотиҳа мехонанд.

Чанд рӯз пеш шаҳрдории Душанбе дар арафаи Иди Қурбон аз сокинони пойтахт даъват намуд, ки дар покизаву обод нигоҳ доштани оромгоҳҳо фаъол бошанд. Ин тасмим дар ҷаласаи ахири шаҳрдорӣ гирифта шуда, бо баргузории иқдоми "Ободонии оромгоҳҳо" аз 20-ум то 24-уми сентябр идома меёбад ва ҳадафаш тозаву озода нигоҳ доштани қабристонҳост.

Бархе аз таҳлилгарон ва сокинони пойтахт бо ҷонибдорӣ аз иқдоми мазкур мегӯянд ба ҷои худнамоишдиҳиву ташкили мусобиқаи "дастархони беҳтар" беҳтар аст, ки мардум дар рӯзҳои ид ба корҳои савоб даст зананд.

**Сурайё,** як сокини пойтахт зимни суҳбат бо мо гуфт:

- Ҳамчун кадбонуи хона ҳамасола дастархони хоксорона дар хонаам омода мекунам, то ин ки нафарони ба фотеҳахонӣ омада, ноумед нараванд. Вале дар ин рӯз ҳатман ба дидорбинии дӯстону наздиконам меравам, ки беморанд.

Дар ҳамин ҳол **Ҷамолиддин Хомӯшов**, раиси бахши фатвои Шӯрои уламои Маркази исломии Тоҷикистон тасмими ахири шаҳрдориро хуш истиқбол намуда, изҳор дошт, ки ба ғайри ин кори савоб мардуми мусалмони кишвар ҳамчунин бояд дар ин рӯз бо нафаре, ки қаҳрӣ буданд, сулҳ кунанд, ки кори савобу хайр мебошад.

Инчунин қабл аз шустушӯйи рахтҳои хона низ кори савоб мебошад. Умуман ботину зоҳирро тоза кардан бидуни ид ҳам кори хайр аст. Ман тасмими шаҳрдориро хуб қабул мекунам, зеро покизагӣ асли дини Ислом мебошад ва бояд ҳама ҷо тозаву покиза бошад.

Ҳамчунин гуфта мешавад кори савоб мебуд, агар мардуми доро дар рӯзи Иди Қурбон аз ятимхонаҳо 4-5 нафар аз ин тифлаконро бо худ барои идгардак гиранд ва баъдан ба муассисаашон баргардонанд. Ё дар ин рӯзҳо ба хонаи бепарасторон рафта, қурбонӣ кунанд, савоби бештаре назар ба худнамоишдиҳиву дастархонороии нозарур дар пай дорад.

- Ба наздикӣ хабареро хондам, ки як бонуи калонсол дар ноҳияи Ғончӣ маблағи чандинсолаи худро, ки барои рафтан ба хонаи Худо ҷамъ карда буд, барои ободонии зодгоҳаш ва сохтани пул масраф намудааст. Албатта, ин кори савоб аст. Кори дигаре, ки метавонем карда, ин асфалткунии роҳҳо, гулу дарахтшинонӣ мебошад. Ман иқдоми шаҳрдориро дастгирӣ мекунам, зеро ин ҳам ба хотири тоза нигоҳ доштани оромгоҳҳо мебошад. Хуб мешавад, ки чунин маъракаҳо моҳе як бор сурат мегирифт, то мардум тозагии қабристонҳоро ҳам фаромӯш намекарданд, -изҳор намуд **Дилшод Ҷӯраев** ном сокини Душанбе зимни суҳбат бо мо.

Дар ҳамин ҳол, таҳлилгар **Раҷаби Мирзо**, ки узви чандин комиссияҳои ҷамъиятии шаҳрдории Душанб аст, мегӯяд таҷрибаи чандинсолаи омӯзиши масъала нишон дод, ки мардум аслан дар рӯзҳои ид харҷи беҳуда мекунанд:

- Соли гузашта ҳатто **ТВ "Пойтахт"** гузоришеро аз рӯзҳои баъдиидии партовгоҳҳои пойтахт омода намуд. Маълум шуд, ки аксари маводеро, ки мардум харидаву дастархон густурда буданд, пас аз 1 - 2 рӯз ба партовгоҳ партофтаанд. Зеро дар ҳавои гарм аксари маҳсулот вайрон шуда буд. Оё ин ба буҷаи оилаҳо зарар нест? Пас чӣ даркор аст худнамоишдиҳиву дастархонороии беҳуда?

Аммо ин ҳама танҳо назару андешаҳоест, ки дар доираҳои таҳлилӣ раду бадал мегарданд. Марказҳои қабули қарор ва аз ҳама муҳимаш худи мардум ин гуфтаву андешаҳои санҷидашудаapproxро чӣ гуна қабул кардаву амалӣ мекунанд, масъалаи ҳанӯз ҳалношуда аст.

**М. ҲАЛИМОВА**

---

**баланд мекунад, ки ҳатто мусофирон вақти ба ҷои лозимаашон расидан се- чор маротиба "ягон ҷо нигоҳ доред" гӯён, дод зада ба ронанда муроҷиат мекунанд. Аммо дар дохили ин нақлиёт вазъ тамоман дигар хел буд. Ба истилоҳ кондуктор як зани тақрибан 32-33 сола буд, ки бо мусофирон муносибати хуб дошт ва ба мусофирони дар истгоҳ ё канори роҳ буда бо мулоиматӣ муроҷиат мекард, ки ин амали ӯ боиси таҳсин аст.**

**Вақти бозгашт, дар саршавии бозори "Корвон" анбӯҳи зиёди одамон ба мушоҳида мерасид, ки баъзе ронандаҳои нақлиёти мусофиркаш аз фурсат истифода бурда, аз мусофирон ба табъи дили худ ҳаққи роҳкиро меситониданд. Доду фиғони пулчинакҳо бошад, ба фалак мепечид.**

**Мо ба воситаи нақлиёти мусофиркашонии тамғаи (Старекс) рақами қайди давлатияш 0289 ТТ 05 савор шудем. Маъмулан барои ин навъи нақлиёт пулчинак лозим нест. Вале аз дохили нақлиёти мазкур ҷавоне сари худро берун оварда бо овози баланд: "Биё бача, се сомонӣ, Қараболо мереме Қараболо. Ҳе биё, мереме, пр шид, а бача намешинен, бестен ма одам бор мекунм"- гуфта фарёд мекард. Ин ҳолат бархе мусофиронро ба шӯр овард, ки як нафар эътироз карда гуфт: "Чи хел се сомонӣ будааст, то дирӯз як сомониву шаст-ду сомонӣ буд, имрӯз се сомонӣ шуд?" Пулчинак бошад дар ҷавоб мегуфт: "Се сомонияй форатона шинен нафоратона брен дигаршда бшинен мо сей мебарем".**

**Бо ҳамин гуна раду бадал пулчинак нақлиёти мазкурро пур кард. Чун бар роҳ баромадем, пулчинак ба мо муроҷиат карда гуфт: "Биё ду нафари пеш суми роҳкироро дароз кунед". Ман се сомонӣ дароз карда, гуфтам: «ду нафар гир, мо то маҳаллаи Гулистон меравем», пулчинак нороҳат шуда гуфт: "Э ака охи ма гуфтм- ку мо бо раҳи бетонка приямой Қараболо меравем, биё, бо се сомонии дига дароз кун". Дар ҳамин ҳол чанд мусофири дигари дохили нақлиёт эътироз карда, гуфтанд: "Чи хел ба раҳи бетонка меравӣ? Мо маҳаллаи 46 меравем, то он ҷо ҳаққи роҳкиро 1 сомонӣ аст". Пулчинак дар хитоб ба мо гуфт: "Ҳамитарӣ бд, намешиштен". Ва ба ронанда муроҷиат карда гуфт: "Через Саховат ҳайш кн". Ва пулчинак боз ба тарафи ман рӯй тофта, гӯфт: "Биё ака боз як суми дига дароз кн, ай 46 боло ду сумияй". Бо вуҷуди он ки медонистам нархи аслии роҳкиро чунин нест, як сомонии дигар дода, хомӯш буданро авлотар донистам...**

**Чун ба чорроҳаи маҳаллаи 46-ум наздик шудем, ҳанӯз нақлиёти мазкур дар ҷое қарор нагирифта, пулчинак дарро боз карда, ба фарёдзанӣ шурӯъ кард. "Ҳе бача, чокадӣ т, биё Қараболо мереме. Ҳе хола, ҳе - ҳе биё, саросема мерем, холибодае". Ронанда бошад, ба ҷои он ки ин ҷавонро насиҳат кунад, ки бо мусофирон муносибати хуб дошта бошад ва беҳудаю баҳуда дод назанд, баръакс ба аҳволи ӯ хандида мегӯяд, "Ҳишорай да...".**

**Ин ҳам дар ҳолест, ки борҳо аз ҷониби соҳибназарону ҷомеашиносон пешниҳод шудааст, ки бояд ба пулчинакҳо дарси одобу муошират омӯзонида шаванд.**

**Дидани ин ва чанд ҳолати дигаре, ки то ба ҷои лозима расиданам мушоҳида кардам, бисёр нороҳаткунанда буд, ки фикр мекунам, дигар ба шарҳу тавзеҳи зиёдатӣ ҳоҷат нест.**

**Танҳо ба маҳзи он ки камбудиҳои хизматрасонии нақлиёти мусофиркаш дар роҳҳои пойтахт то як андоза бартараф карда шавад, ба хулосае омадам, ки намунае аз камбудиҳои ҷойдоштаро бо як ишораи хурдакаке ба самъи масъулини дахлдор бирасонам.**

**Ногуфта намонад, ки бо пешниҳоди матлаби мазкур гуфтанӣ нестем, ки бояд ҳамаи пулчинакҳои воситаҳои нақлиёти мусофиркаш занҳо бошанд. Ҳадаф ин аст, ки мо мехоҳем каме ҳам бошад камбудиҳо ҳалли ниҳоии худро ёбанд.**

**Ибодуллоҳи ТОҲИР**

**БА ТАВАҶҶУҲИ РАИСИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МО ҶТ, РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ МУҲТАРАМ МАҲМАДСАИД УБАЙДУЛЛОЕВ**

**Ин шахси хоксор ва ҳалимро ба ман сардабири ҳафтанома муаррифӣ кард: - Бо устод як суҳбати ихтисосӣ анҷом диҳед, саргузашти аҷиб доранд… Баъд аз тамоси телефонӣ роҳ ҷониби Донишгоҳи давлатии тиббӣ гирифтам. Муддате назди дарбон интизораш будам, ки марди солхӯрдае наздам омад, худро муаррифӣ намуд ва маро ба утоқи кориаш даъват кард. Аз ваҷоҳаташ пай бурдам, ки хеле хаста аст… Аслан инсонҳое, ки як умр дар хизмати мардуманду, ба дарди ҳама мерасанд, вале илоҷи мушкили худро пайваста ба баъд мегузоранд, ҳамин гуна чеҳра доранд. Хаста, дар банди андешаву хаёл…**

# «МЕХОҲАМ ДАР ПИРОНСОЛӢ БИОСОЯМ»

**АҲМАДХОН** Аброрхонов соли 1941 дар ноҳияи Конибодом ба дунё омада аст. Соли 1962 ӯ ба Донишкадаи омӯзгории шаҳри Хуҷанд *(он вақт Институти педагогии ба номи Кирови шаҳри Ленинобод)*, факултаи химия дохил мешавад. - Азбаски он замон кадрҳои омӯзгорӣ намерасиданд, соли 1966 маро ба колхози Телман, мактаби рақами 14 ба номи Садриддин Айнӣ, собиқ ноҳияи Орҷоникидзеобод (ҳозира Ваҳдат) ба кор равон карданд. Таъкид доштанд, ки метавонам тобистон омада, имтиҳонҳои давлатиро супорам. Илоҷ нест, рафтам ва ба кор шуруъ кардам. Он ҷо бо ду забон-тоҷикӣ ва ӯзбекӣ ба муҳассилин фанни химияро дарс медодам. Замони хидмати ҳарбӣ даррасид ва омода будам ба сафи артиш бипайвандам. Аммо мудири шуъбаи маориф ва намояндаи ҳукумати ноҳия ба ин розӣ нашуданд. Мудир ба намояндаи комиссариати ҳарбӣ изҳор дошт, ки ӯ маро ҷавоб нахоҳад дод, чун дар акси ҳол лозим меояд ба ҷойи ман ду муаллимро ба кор даъват кунад, ки он вақт кори душвор буд. Баъд аз ин комиссари ҳарбӣ ба ман гуфт, ки "хидмати шумо ин ҷост ва метавонед коратонро давом диҳед",- ба хотир меорад устод Аброрхонов.

Соли 1968 якбора ду додарашро ба сафи артиш даъват мекунанд, азбаски волидайн танҳо монда буданд, ӯ маҷбур мешавад ба Конибодом баргардад. Ин ҷо хонадор шуда, ва кори муаллимиро давом медиҳад. Аммо ишқи хондан вайро боз ба пойтахт мекашад ва соли 1971 ба Душанбе баргашта, дар кафедраи химияи Донишкадаи политехникӣ ба кор оғоз карда, ҳамзамон дар аспирантура таҳсилашро идома медиҳад. Бо амри тасодуф дар озмоишгоҳи донишкада мубталои бемории пӯсти даст мешавад ва табибон тавсия медиҳанд, ки минбаъд фаъолияташро қатъ созад, чун хатари ба хун ворид шудани сироят вуҷуд дорад, ки оқибати нохуш хоҳад дошт. Аз ҳамон вақт ҳамчун омӯзгор фаъолият дорад.

-То соли 1992 дар шаҳри Душанбе, хиёбони собиқ Профсоюз истиқомат доштам. Якбора ҳар ду чашмам бемории катаракта шуд. Чун замона ноором, зиндагӣ вазнин ва барои ҷарроҳӣ пул лозим буд, маҷбур шудам хонаамро фурӯшам. Ғайр аз ин, духтаронамро низ ба шавҳар додан лозим буд, барои ҳамин фурӯхтани манзилам амали иҷборӣ буд. Солҳои 1992 ва 1993 аввал падар, баъд модарам вафот карданд ва пулҳои тариқи фурӯши хона ба даст омада дар баргузории маъракаҳои ёдбуд масраф гардиданд,- мегӯяд А. Аброрхонов.



Дар шаҳри Хуҷанд филиали Донишгоҳи давлатии тиббӣ кушода шуд ва ӯ ин ҷо ба кор шуруъ намуд. Гоҳе дар хонаи иҷора, гоҳе дар хобгоҳи донишгоҳ ба сар мебурд, то он даме, ки соли 2006 ӯро дигарбора ба пойтахт даъват карданд.

- Аз сабаби он, ки ман дар пойтахт худамро аз қайд баровarda будам, дигарбора иҷозаи дар қайд мондан надоданд ва маҷбур шудам худро дар ноҳияи Рӯдакӣ, дар хонаи хешовандонам номнавис кунам. Ҳамсарам то ҳол дар қайди хонаи пешинаам аст. Дар Хуҷанд буданам барои гирифтани қитъаи замин ариза дода будам, аммо бар асари ҳаводиси ахири солҳои 90-ум дар ин шаҳр рухдода тамоми ҳуҷҷатҳоям гум шуданд. Моҳи декабри соли 2006 барои гирифтани қитъаи замин дар пойтахт ариза навиштам. Ҷавоб доданд, ки аз рӯи навбат хоҳишамро иҷро хоҳанд кард, вале 10 сол мешавад, ки ин масъала ҳалли худро наёфтааст. Дар ин миён домодам вафот кард ва духтарам бо писари мактабхонаш ҳамроҳи мо дар иҷора мешинад. Аз назари молиявӣ ҳоло вазнин аст дар иҷора нишастани мо, то кай ин вазъ давом мекарда бошад? Ақаллан ягон қитъаи хурди замин медоданд, ки аз масолеҳи зердаст кулбаяке месохтем, чун барои гирифтани хонаҳои навсохт маблағ надорем,-мегӯяд ӯ.

Тазаккур бояд дод, ки имрӯз А.Аброрхонов ягона омӯзгорест, ки дар гурӯҳҳои омодагии қаблии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ба донишҷӯён фанни химияро бо забони русӣ меомӯзад. Мавсуф ҳамчунин соли 1997 рисолаи номзадиашро ҳимоя карда, муаллифи дастури методии "Машғулиятҳои амалӣ" аз фанни химия аст. Тарҷумаи ҳолашро дар Донишномаи Донишгоҳи тиббии Хуҷанд ҷо дода, ба наздикӣ китоби "Олимони қарни 20" рӯи нашр хоҳад омад, ки фаъолияти устод низ рӯйи саҳифаҳои он ҷо хоҳад дода шуд. Имрӯз, новобаста аз синну солаш, ӯ дар ҷодаи пуршарафи омӯзгорӣ пурғайрат аст ва фарзандони мардумро бо як самимияти хос таълим медиҳад ва бо як муҳаббати беандоза нисбаташон ҳарф мезанад. Шогирдон низ аз ӯ розӣ ҳастанд, чун нозукиҳои фанро дақиқан меомӯзанд, ки оянда бешубҳа ба кор хоҳад омад. Мо умедворем, ки ин қазияи як олими тоҷик ва омӯзгори собиқадоре, ки зиёда аз 50 сол ба таълим ва тарбияи фарзандони мардум машғул аст, ҳал мегардад ва ӯ дар пиронсолӣ осоишу роҳат дар манзили хешро хоҳад дид.

**Азамат ДӮСТОВ**

# САДОИ МЕҲР

**Аз расонаҳои хабарӣ огаҳӣ ёфтам, ки донишмандони кишвар Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмонро "Пешвои миллат" номидаанд. Ман низ ҷонибдори ин пешниҳод ҳастам.**

**МАН,** маъюби гурӯҳи якум, падари 11 фарзанд, сокини ноҳияи дурдасти кӯҳистони Мастчоҳ ҳамтам. Мехоҳам бо навиштани ин нома миннатдории самимонаи худро тариқи ҳафтаномаи дӯстдоштаам ба Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бирасонам.

Мо -маъюбон таҳти роҳбарӣ ва сиёсати хирадмандонаи Шумо Ҷаноби Олӣ нафаси озод кашида, ҳатто маъюб будани худро эҳсос намекунем. Ҳамеша аз ойинаи нилгун мебинем, ки Шумо, Ҷаноби Олӣ, маъюбу бечорагонро дастгирӣ ва сарпарастӣ намуда, сари онҳоро сила мекунед. Мо ҳам дасти дуо бардошта аз Худованди меҳрубон талаб мекунем, ки сарвари хирадманди моро дар паноҳи худ нигоҳ дорад, то як умр дар сари халқи тоҷик роҳбар ва соябони сари ятимону маъюбон бошад.

Ман, ки худ маъюб ҳастам ва аз ин 11 фарзанд ду духтари маъюб дорам, ҳамеша дуои онро мекунем, ки ба тинҷиву оромии кишвари азизамон Тоҷикистон газанде нарасад. Шукронаи онро мекунам, ки фарзандонамро дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ватандорӣ тарбия дода истодаам, то ин ки дар оянда баҳри ободиву шукуфоии ватани худ хизмат намоянд.

Маҳз ҳамин рӯҳияи ватандӯстиву ватандорист, ки дар даъвати баҳории соли равон ба хизмати ҳарбӣ писари калониам Ниёзмуҳаммад Азизов ба хоҳиши худ ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон сафарбар шуда, қарзи фарзандии худро адо карда истодааст. Панҷ писари хурдиям низ дар ҳамин рӯҳия тарбия дида, Худованд нигаҳбонашон бошаду зиндаву саломат бошам, онҳоро низ ба мисли бародарашон Ниёзмуҳаммад ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ гусел хоҳам кард, то қарзи фарзандиву шаҳрвандии худро адо намуда, ба миллату давлати худ софдилонаву содиқона хизмат намоянд.

Шумо, ки ҳамчун Роҳбари давлат ба ятимону маъюбон дасти ёрӣ дароз мекунед, фарзандони ман дар назди худ мақсад гузошта, мегӯянд: "Мо, ки фарзанди маъюб ҳастем, ғамхориҳои бевоситаи Сарвари давлатро фаромӯш нахоҳем кард ва дар оянда баҳри боз ҳам гулгулшукуфоии Тоҷикистони азиз камари ҳиммат баста, кӯшиш мекунем, ки сулҳу ваҳдат пойдор ва кишвари азизамонро ободу зебо нигоҳ дорем".

**Азиз АЗИЗОВ,** *сокини ноҳияи Мастчоҳ*

**Ба "Минбари халқ" ҷавоб омад**

***Посух ба мақолаи***

# "ОБИ ДАРИ ХОНА ҚАДР НАДОРАД",

***"Минбари халқ", №35 (1014), аз 26.08.2015***

**МАҚОЛАЕ, ки рӯзи 26.08.2015 дар шумораи №35 (1014)-и нашрияи марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон "Минбари халқ" бо номи "Оби дари хона қадр надорад", чоп гардида буд, аз тарафи корманди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди санҷиш ва омӯзиш қарор дода шуд.**

**Дар рафти санҷиш маълум гардид, ки пас аз носозгорие, ки байни омӯзгор Раъно Турсунова, раиси маҳаллаи Тиён Абдураҳмон Қаҳҳоров ва сокинони маҳаллаи зикршуда ба миён омадааст, бо тавсияи собиқ мудири шуъбаи маорифи ноҳия ва раиси ҷамоати деҳот муаллима Р. Турсунова аз муассисаи таҳсилоти ибтидоии №49 ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-и ноҳия ба ҳайси омӯзгори синфҳои ибтидоӣ гузаронида шудааст.**

**Тайи як соле, ки Р. Турсунова дар муассисаи мазкур фаъолият мекунад, бо ҳайати омӯзгорон ва хонандагон муносибати хуб дошта, ҳуҷҷатгузории ӯ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа мувофиқи матлаб аст. Муаллима Р. Турсунова низ аз роҳбарияти муассисаи таълимӣ ва ҳайати омӯзгорон шикоят надорад. Роҳбарияти муассисаи таълимӣ низ зимни суҳбат бо гурӯҳи корӣ нисбат ба фаъолияти омӯзгории Р. Турсунова маълумотномаи хуб пешниҳод намуд.**

**Ҳамчунин, дар вақти суҳбат Р. Турсунова барои кордор нашудан ба раиси маҳаллаи Тиён А.Қаҳҳоров, писари ӯ Х.Қаҳҳоров ва сокинони маҳалла ба таври хаттӣ баёнот пешниҳод кард.**

**Мутаассифона, ҳангоми суҳбат раиси маҳаллаи Тиён А.Қаҳҳоров даъво мекард, ки ҳеҷ гоҳ бо муаллима Р. Турсунова муросо намекунад ва оид ба мақолаи чопнамудааш дар нашрияи "Минбари халқ", ки аксари гуфтаҳо нисбати ӯ туҳмат мебошанд, ба мақомоти дахлдор шикоят менамояд. Ин андеша низ дар баёноти хатии раиси маҳалла дарҷ ёфтааст.**

**Сокинони маҳаллаи Тиён бо роҳбарии раиси маҳалла А.Қаҳҳоров бо Р. Турсунова муносибати хуб надоранд ва барои мусолиҳа кардан низ розӣ нестанд.**

**Бояд қайд намуд, ки ҳарчанд аз ҷониби гурӯҳи кории Вазорати маориф ва илм оид ба фаъолияти омӯзгории муаллима Р.Турсунова чораҳо андешида шуда бошад ҳам, аммо мавзӯи муноқишаи мазкур масъалаи маҳалладорӣ буда, ҳалли он салоҳияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ноҳияи Файзобод мебошад.**

**З.НАРЗУЛЛОЕВ,** *муовини сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*Онҳое, ки завқу шавқи хӯрдани сабзиро доранд, ба мушкили камбуд ва норасоии витамини А рӯ ба рӯ намешаванд.*

# Сабзӣ хӯред, нури чашм беҳ мешавад



Ин меваи полизии зардваш манбаи асосии ин витамини барои саломатии инсон зарур мебошад. Таҳқиқот собит карда, ки аз истеъмоли доимии сабзӣ пӯсти бадан ботароват ва ҷавон шуда, аз рушди ангезаҳои бемории саратон (рак) ҳам пешгирӣ мешавад.

Сабзӣ бар илаваи ин фоидаҳои зиёди дигар ҳам дорад, ки шояд то ҳол намедонед.

Инак таваҷҷуҳи шуморо ба чанд таъсири дигари мусбате, ки кас бо мунтазам хӯрдани сабзӣ дар ҷисми худ эҳсос хоҳад кард, ҷалб менамоем: **1)** Сабзӣ нури чашмро беҳтар мекунад. Таъсири мусбати ин сабзавоти полизӣ ба нури чашм кайҳо боз маълум ва мушаххас шудааст. Ба ин далел ки сабзӣ аз моддаҳои бета- каротин ғанӣ буда ва онҳо дар ҷигар ҳал шуда ба витамини А табдил меёбанд. Ин витамин барои қувват гирифтани нури чашм муфид буда, онро тақвият мекунад.

… Пажӯҳишҳои муҳаққиқон собит кардааст, афроде, ки ба тарви мунтазам ин меваи полезиро истеъмол мекунанд, эҳтимоли гирифториашон ба рушди бемории доғи зардӣ (дистрофия жёлтого пятна) 40 дарсад камтар аст.

**2)** Сабзӣ аз рушди ангезаҳои бемории саратон дар шуш, қафаси сина ва сурхрӯда пешгирӣ мекунад. Донишмандон ин хосияти сабзиро ба мавҷуд будани моддаҳое бо номҳои фалкаринол ва фалкариниол дар таркиби сабзӣ вобаста медонанд. Ин ду чиз дорои хосияти зидди саратон буда, моддаҳое ба унвони доруи табиӣ ба кор меояд, рушди ин моддаҳо дар таркиби хок барои сабзиши нумӯи решаи сабзӣ нақш доштa ва пас аз расидан ҳам хосиятҳои худро нигоҳ медорад ва ҳангоми хӯрдан ба ҷисми инсон мегузаранд.

Сабзӣ эҳтимолан ягона маводи хӯрданӣ аст, ки ин моддаро дорад.

Озмоишҳое, ки донишмандон дар ҷандин ҳайвонот гузарондаанд, чунин натиҷа додааст, ки бар асари истеъмоли сабзӣ хатари рушди ин беморӣ дар онҳо 3 баробар кам шудааст.

**3)** Сабзӣ барои пешгирӣ аз пиршавии зудҳангом низ ба кас кумак мекунад.

Витаминҳои мавҷуд дар таркиби сабзӣ пиршавии хонаҷаҳои пӯстро суст мегардонад.

**4)** Ин хӯриш барои саломатии пӯст бинобар доштани витамини А ва антиоксидантҳо мусоидат менамояд ва онро аз таъсири манфии нурҳои ултрабунафшҳо ҳифз мекунад.

Дониста бошед, ки бар асари норасоии витамини А пӯсти бадани мо ва ҳамчунин нохунҳою мӯи баданамон хушк мешавад.

Витамини А пайдоиши оҷангҳои пеш аз вақтро пешгирӣ мекунад ва намегузорад, ки дар пӯсти бадан доғҳо пайдо шаванд.

**5)** Сабзӣ бемориҳои дилро низ пешгирӣ мекунад.Чунки он бета-каротин ва алфа-каротину лютеин дорад.

Мунтазам хӯрдани сабзӣ барои кам шудани холестерин ҳам мусоидат менамояд.

Харгӯшҳо аз ҳама бештар сабзӣ мехӯранд аммо ҳама пурхӯрии ин ҳайвончаҳои зебо бинобар хурд будани шикамашон чандон зиёд набуда, як сабзие, ки онҳо мехӯранд, баробари 20 сабзие аст, ки мо одамон мехӯрем.

Дар ҷаҳон ҳудуди 100 навъи сабзӣ ҳаст, Аз ҷиҳати ҳаҷм ҳам он гуногуншакл мебошад. Он зардча, сурх, ҷигарӣ, сафед аст.

Бузургтарин сабзӣ, ки ба китоби рекордҳои ҷаҳонӣ дохил шудааст, 9 килограмм буд ва 6 метр дарозӣ дошт.

## «Маликаи саҳро» ҳам барои чашм муфид аст



*Ҷуворимакка, ки як зироати дигари полизӣ аст, барои тақвияти нури чашм муфид дониста шудааст.*

*Таҳқиқотҳо нишон додаанд, ки онҳое дони ҷуворимаккаро мунтазам мехӯранд, нури чашмашон қавӣ ва биниши хуб доранд.*

*Онро дар ҳолате, ки донакҳояш ҳанӯз нимхом ва сафед бошад истеъмол кунед, фоидааш бештар аст. Донаки ин зироат аз сафеда, карбогидратҳо, чарбӣ, фосфор ва калий ғанӣ буда хӯрдани он барои кори системаи дилу рагҳо аҳамияти фаровон дорад.*

*Бояд ба эътибор гирифт, ки дар ҷуворимаккаи обпазшуда витаминҳо кам боқӣ мемонад. Ба ин сабаб агар онро хом бихӯранд фоидаи зиёдтар хоҳад дошт. Ин зироати хушхӯр аз бадан холестерини барзиёдро меронад, бинобар ин ба шахсоне, ки гирифтори атеросклероз (бемории баста шудани шарён) ҳастанд, барои пешгирии дард муфид аст. барои одамоне, ки гизои рӯганиро дӯст медоранд, мунтазам ба гизо ҳамроҳ кардани донаки макка аз манфиат холӣ нест.*

*Ҷуворимакка барои одамоне, ки тамоюл ба қабз доранд, инчунин барои таҳкими дандон ва беҳтар кардани хотира ҳам фоидаи зиёд дорад.*

*Ин рустанӣ дар баробари як гизои хушхӯр будан бо «қаду қомат»-и баландаш унвони "маликаи саҳро "- ро ба худ гирифтааст ва меарзад, ки онро бештар парвариш карда, аз ҳосили хушмазаи он ба қадри кофӣ истифода барем.*

**Таҳияи Ю. СОЛЕҲ**



Суратгир
Ноҳия дар Хатлон
Леонардо ... Винчи
Нотаи байни «ре» ва «фа»
Хурдтарин зарраи модда
Саворане
...и ҳарбӣ – военкомат
...и Маҳмуд, овозхон
Ҷойи шустушӯй
Пода, галаи гӯсфанду буз
Қисми шарқии Авруосиё
Сулҳ, дӯстӣ
Флоти ҳавоӣ
Падар (лаҳҷа)
Баба ... аз афсонаҳои рус
«Икарус» ё «ПАЗ»
Миёнбанд
Ватани боксчӣ Кличко
Кач
Амал
24 соат
... - маскарад, шаби рақс дар Аврупо
Яке аз рамзҳои давлат
Гарданбанд
Вақте ки моҳ нур мепошад
Дарди узви аз ҳама болои бадан
Ҳамном (лаҳҷ.)
Давлати И. Сталин (ихтисораи русӣ)
Мухтасари номи кишвари араб
Фарзанди апаи модар
Чӯбдасти пирон
Суратҳисоб (счёт)-и телефон
Ҳисоби баробар дар варзиш
Ба чашм намудор
Дастаи футболи Русия
«Дер ояду ... ояд»
Шикамӣ аз ғизо пур
Номи мардона
Хатча дар навишт
Шаҳри марказии Украинҳо
Мактаби олии мусиқӣ
Санги қиматбаҳо ва номи занона



ҶАВОБИ СКАНВОРДИ ШУМОРАИ ГУЗАШТА

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| М | ■ | ■ | П | И | С | А | Р | А | М | А | К | ■ | Л | А | Б | Л | А | Б | У |
| А | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | Б | ■ | ■ | О | ■ | ■ | В | ■ | ■ | Ж | ■ | З |
| Н | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | Б | Е | В | А | Ф | О | ■ | Ф | О | Р | Д | ■ | А |
| О | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | Б | ■ | В | ■ | Ч | ■ | ■ | Р | ■ | А | Й | Н |
| М | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | П | А | Н | Ҷ | Ш | А | Н | Б | Е | ■ | Ҳ | ■ | Г |
| Е | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | А | ■ | А | ■ | А | ■ | А | ■ | ■ | П | О | К | У |
| Т | А | Х | Т | А | ■ | ■ | Р | И | Б | О | К | ■ | Ғ | У | Т | А | ■ | ■ | ■ |
| Р | ■ | У | ■ | Л | У | Л | И | ■ | О | ■ | А | Р | З | ■ | ■ | С | И | Р | К |
| ■ | ■ | Ш | ■ | А | ■ | О | ■ | ■ | Т | У | Р | ■ | ■ | Ҳ | ■ | ■ | ■ | ■ | А |
| Ш | И | К | О | Ф | ■ | М | А | Р | О | ■ | В | Е | Н | А | ■ | ■ | ■ | ■ | М |
| И | ■ | ■ | Р | ■ | А | ■ | Й | ■ | Т | ■ | О | ■ | ■ | Ш | ■ | ■ | ■ | ■ | Х |
| Ф | А | Й | З | ■ | Р | Е | Ш | А | ■ | О | Р | Б | И | Т | ■ | ■ | ■ | ■ | У |
| Е | ■ | ■ | У | Р | Ф | ■ | ■ | Н | ■ | Н | ■ | И | ■ | П | ■ | ■ | ■ | ■ | Н |
| Р | И | З | Қ | ■ | А | Н | Қ | А | Р | А | ■ | О | В | О | З | Х | О | Н | И |

# Офати забон

ба ҳафтаномаи

**МИНБАРИ ХАЛҚ**

**обуна шавед!**

МУШТАРИЁНИ ГИРОМӢ!



22 сентябр - Рӯзи Рӯдакӣ

## *Чун тег ба даст орӣ...*

МИНБАРИ ХАЛҚ

